20 СОЛИ БЕОБӢ ДАР ХУРОСОН

роҳбарон меоянду мераванд, аммо натиҷа, ку? с.12





РӮЗНОМАНИГОРӢ ФАЗЛФУРӮШӢ НЕСТ!

чаро теъдоди нашри «Тоҷикистон» собиқ сармуҳаррири «Озодагон»-ро нороҳат кард? с.3

РАББОНӢ:

Амнияти минтақаву ҷаҳон ба нафъи ҳамагон с.16-17



ТОҶИКИСТОН

№21 (1324) 22.05.19 Оғози нашр: марти 1992

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост!

www.tajikistantimes.com

ЧӢ МЕХӮРЕМ?
ЧОЮ НОНИ ҚОҚ?

оё ҳаҷми муқаррароти **“САБАДИ ИСТЕЪМОЛӢ”** бо **МАОШ** мувофиқат мекунад?



Дар ин шумора:

5 000 ҶАНГИИ ДИИШ

дар марзҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон **с. 2**

БАХТИЁР ҲАМДАМ:

Бо як шӯхӣ мехостанд маро душмани **«ТОҶИКИСТОН»** кунанд **с. 3**

ЗЕЛИНСКИЙ:


Халқи ман дигар намегиряд! **с. 4**

ОШӮБ ДАР ЗИНДОНИ ВАҲДАТ

кӯшиши фирор ё муноқишаи байни маҳбусон? **с. 5**

ВАРЗИШ

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон ба чемпионати ҷаҳон меравад **с. 17**



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси «Сандуқи хайрияи Тоҷикистон», академик

Ашӯрбой СОЛЕҲЗОДА,
Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Маҳмадсаид ШОҲИЁН,
раиси Кумитаи давлатии телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ

Шариф РАҲИМЗОДА,
раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи МНМО ҶТ

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИРОВ,
доктори илмҳои иқтисод

Масъуд МИРШОҲӢ,
раиси Анҷумани «Рӯдакӣ», Фаронса

Ғаффорӣ Назира АБДУЛЛОЗОДА,
муовини раиси вилояти Суғд

Ҳақназар ҒОИБ,
Шоири халқии Тоҷикистон

Мардони МУҲАММАД,
сармуҳаррири сомонаи «Tajikistantimes»

Далер ҶУМЪАЕВ,
директори генералии ширкати «Помир Энержӣ»

Масъуди СИПАНД,
узви Анҷумани «Пайванд», ИМА

Одили НОЗИР,
мудири шуъбаи фарҳанг

Шаҳло НИЁЗОВА,
хабарнигор

Саодат РОЗИҚЗОДА,
хабарнигор

Фарзона МУРОДӢ,
хабарнигор дар вилояти Суғд

Шӯҳрат ДАВЛАТШОЕВ,
шорехи варзиш

Маҳинаи ДАВЛАТ,
хабарнигор

Ҷомӣ ХАЛИФАЕВ,
хабарнигор дар вилояти Хатлон

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНҲОИ ИДОРА:
238-54-51,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
918-63-31-63, 221-41-11
furush@rg.tj

АДАДИ НАШР:
14 300

Террорист ХУДИВУ БЕГОНА буда наметавонад

"Террорист террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ "худӣ" ва "бегона", "ислоҳотхоҳ"-у "тундгаро" ва "нек"-у "бад" буда наметавонад.

Ин матлабро Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 17-уми май зимни суханронӣ дар оғози ҳамоиши "Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва чиноятқории муташаккил" баён дошт. Ин ҳамоиш бо ҳузури мақомоти беш аз 50 кишвар ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе гузашт.

Президенти Тоҷикистон дар ин суханронӣ, аз ҷумла, ба зарурати даст кашидан аз истифодаи "меъёрҳои дугона" дар мавқеъгирӣ нисбат ба созмону гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгаро таъкид кард. Ӯ аз он изҳори нигаронӣ намуд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар робита ба мафҳумҳои терроризм ва экстремизм назари ягона надоранд ва аз сиёсати "меъёрҳои дугона" дар мубориза бо терроризм интиқод кард.



Александр Бортников, сардори Хадамоти федеролии амниятии Русия

ҲАРОМФУРӮШОН дар бозори «ПАНҶШАНБЕ»

Кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд 4 сокини ҳамин вилоятро дастгир кардаанд.

Онҳо мақсад доштанд, барои ба даст овардани даромади муфт ба харидорони бозори Панҷшанбе гӯшти захролудшудаи 27 сар чорвои ҳароммурдаро ба фурӯш гузоранд. Се гӯштфурӯши бозори Панҷшанбе Икром Ҳошимов, сокини шаҳри Хуҷанд, Нурилло Норматов ва Муҳаммадҷон Орипов, сокинони ҷамоати деҳоти Унҷии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҳамроҳ бо Эргаш Аҳадов, сокини ҷамоати деҳоти Мехронаи ноҳия Ашт дар ҳоле дастгир шудаанд, ки онҳо мехостанд, 27 сар чорвои ҳароммурдаро аз ноҳияи Ашт ба бозори Панҷшанбеи Хуҷанд интиқол диҳанд. Ин ҳодиса дар рӯзи 13-уми майи соли ҷорӣ сурат гирифтааст. Эргашбой Аҳадов, сокини 62-солаи ноҳияи Ашт барои харидор пайдо кардани 27 сар чорвои ҳароммурда нақши миёнравиро иҷро кардааст. Ӯ ба Икром Ҳошимов гӯштфурӯши бозори Панҷшанбеи Хуҷанд тамос гирифта, 27 сар чорвои ҳароммурдаро бо нархи аз 500 то 1000 сомонӣ пешниҳод кардааст.

Крани "ДУНЁИ АНВАР" чаппа шуд

Дар Душанбе як крани борбардор аз баландии беш аз 30 метр чаппа шуда, ба чанд хона зарар расондааст.

Ин кран дар сохтмони бинои баландошёнаи ширкати "Дунёи Анвар", дар маҳаллаи наздик ба бозори "Корвон", кор мекард.

Соҳибони бино мегӯянд, ҳодиса тасодуфӣ буд ва онҳо ҷуброни зарарро мепардозанд. Вале бисёриҳо ба кухнаву корношоям будани техникаҳои ширкатҳои сохтмонӣ дар пойтахт ишора мекунанд. Ҳангоми бардоштани бор ба ошёнаҳои болоии бино, кран аз идора берун шуда, ба ҳадди ақал чаҳор манзили бинои наве, ки дар ҳамсоягии он қарор дорад, бархӯрдааст. Шоҳидон мегӯянд, кран ба табақаи 9-уми бинои 13-ошёна бархӯрдааст. Дар хонаҳое, ки зарар дидаанд, феълан касе зиндагӣ намекунад. Вале соҳиби як хонаи дигар, ки дар ҳамсоягии онҳо мезист, тарсида ва дар беморхона бистарӣ шудааст.

5000 ҷангии ДИИШ дар марзҳои ТОҶИКИСТОНУ ЎЗБЕКИСТОН

Сардори Хадамоти федеролии амниятии Русия гуфтааст, ки феълан дар манотиқи шимолии Афғонистон, ки бо Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳаммарз аст, ҳудуди 5 ҳазор ҷангии гурӯҳи террористии "Давлати исломӣ" ҷамъ омадаанд.

Александр Бортников 21 май дар суҳбат бо хабаргузориҳои Русия таъкид дошта аст, ки ин ҷангиён аз Сурия ба минтақаи ба истилоҳ "Вилояти Хуросон" дар шимоли Афғонистон интиқол шудаанд ва "ин вазъ нигаронкунанда аст".

Қаблан Сергей Шойгу, вазири мудофиаи Русия гуфта буд, ки гурӯҳи террористии "Давлати исломӣ" минтақаҳои шимоли Афғонистонро ҳамчун пойгоҳ барои ворид шудан ба кишварҳои Осиёи Марказӣ истифода хоҳад кард. Ба ин далел, Сергей Шойгу хостори боло бурдани омодагии ҷангии неруҳои мусаллаҳи Тоҷикистону Қирғизистон шудааст.

САРИ САБЗ



Хуршед ФОЗИЛОВ, хабарнигор:

-Агар дар ҷашни устод Лоиқ бо ширкати милисаҳо ҷамъбасти кадом як мусобиқаро намегузарониданд, ин ҳама халтураашон номаълум мемонд. Он ҷо лоиқхонӣ буд ё ҷамъбасти мусобиқаву туҳфасупории милисаҳо?

-Бо як тир се нишон заданд, милисаҳо туҳфа гирифтанд, Лоиқро ёд карданд ва...Хуршед гонорар мегирад.



Ҳошим ГАДО, ҳунарпеша:

-...бо табассуми ғамолуд ба шумо мегӯям, ки муаллифи 250 ҷилд китоб, ки дар ҳаёт «актёри беҳамто» номида шудааст, танҳо аст...

-Худои танҳо одаму олам офариду Ҳошими танҳо китоби олам гуед...



Дилрабо САМАДОВА, роҳбари "Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ":

-Шахсоне ки ҷиноятҳои вазнин содир карда, вале сафед нашудаанд, набояд ба хидмати ҳарбӣ даъват шаванд. Онҳо метавонанд дар артиш даст ба ҷиноят зананд.

-Дуруст, аммо агар "боодобҳо" ҳама ба артиш рафтан нахоҳанд - чӣ?Нақшаи "облава"-ро кӣ пур мекунад?

БО ЯК ШӮХӢ МЕХОСТАНД МАРО ДУШМАНИ «ТОҶИКИСТОН» КУНАНД



Бахтиёр ҲАМДАМ,
сармуҳаррири «Минбари халқ»

Ҳафтаи гузашта дар ҳафтаномаи "СССР" аз номи банда як «шӯхӣ» ба унвони ҳафтаномаи «Тоҷикистон» нашр шудааст.

Аслан ҳадаф аз ин шӯхӣ хеҷ гоҳ расидан ба иззати нафси як нашрия ва ё ҳайати эҷодии он набуд, бахусус «Тоҷикистон», ки онро ба унвони яке аз рӯзномаҳои муваффақ эътироф мекунам. Манзур ишора ба шитоби як нафар ҳамқаламон буд, ки мегуфт бояд фавран як шумораи «Тоҷикистон» -ро пайдо кунам, ба танз гуфтам, ки дар бист соли ахир нав дидам, ки мардум ба ин ачала газета мечӯянд. Ин шӯхӣ имкон дошт, ки ба унвонии ҳар ҷӯяндаи рӯзномаи дигаре, аз ҷумла ҳафтаномаи «Минбари халқ» низ ишора шавад.

Аз он нигаронам, ки шояд шӯхии ман боиси ғалат фаҳмидан ва ранҷиши хотири ҳайати эҷодии ҳафтаномаи воқеан хондании «Тоҷикистон» гардад. Вагарна камина низ яке аз ҳаводорони ин ҳафтанома ҳастам, онро пайваста мутолиа менамоям ва қоил ҳам ҳастам, ки дар он рӯзноманигорони варзидаи тоҷик фаъолият доранд. Гоҳо матолиби ҷолиби он дар ҳафтаномаи мо низ бознашр мегардад, ки далели гуфтаҳост.

Умед дорем,ки ҳамқаламони азиз аз ҳафтаномаи "Тоҷикистон", ки ҳамагӣ ҳирфаӣ ҳастанд, ба хубӣ дарк мекунанд, ин мусоҳиба ё матлаби таҳлилӣ набуд. Интизор ҳам набудам, ин шӯхӣ, ки байни чанд нафар сурат гирифт, дар «СССР» нашр мешавад.

РӮЗНОМАНИГОРӢ ФАЗЛФУРӮШӢ НЕСТ!

чаро теъдоди нашри «Тоҷикистон» собиқ сармуҳаррири "Озодагон"-ро нороҳат кард?

Рӯзноманигор Иршод Сулаймонӣ (собиқ сармуҳаррири сомона ва ҳафтаномаи «Озодагон») зимни гузорише ба созмонҳои байналхалқӣ матбуоти тоҷикзабонро аз дидгоҳи худаш ба риштаи «таҳлил» кашидааст.



Гузориш ё «таҳлил» -и ӯ, ки дар «Репортёр» ба нашр расидааст, сатҳӣ, содалавҳона, муғризона ва манфиатхоҳона аст.

Шояд ӯро мебояд фаҳмид. Зеро, агар ӯ ба тарзи дигар менавишт, гузориш шояд қабул ҳам намешуду аз қути лоямут маҳрум мегашт. Тачриба нишон медиҳад, ки барои гирифтани грант ё дурӯғ мегӯй ё туҳмат мезанӣ ё... Хуллас, рӯйсиёҳӣ мекунӣ. Ин гуфта ба созмонҳои байналхалкӣ тааллуқ надорад. Онҳо мехоҳанд аз сарчашмаҳои мухталиф мавод ҷамъ оваранд, таҳлил кунанд ва воқеиятро дарёбанд... Аммо баъзе аз ҳамкасбони мо думак мезананд.

Ман аз мутолиаи гузориши Иршод Сулаймонӣ дарёфтам, ки он аз дидгоҳи муҳаққиқи соҳаи журналистика не, аз дидгоҳи муҳаррири «Озодагон » навишта шудааст. Шояд гумон мекунад, ки намунаи олии рӯзноманигорӣ «Озодагон» аст, ки бо теъдоди 700 адад чоп мешуду боз ҳам 20 фоизаш ба фурӯш намерафт. Хонанда пайдо накардани он боиси аз бозори матбуот хориҷ шудани «Озодагон» гашт, на мухолифати муассиси он бо Ҳукумат, тарзе ки Иршоди Сулаймонӣ менависад. Ин мавзӯи дигар аст. Мавзӯи баҳси ман неши ақраб ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аст. Ҳар рӯзнома ҳадаф дорад: ё сӯзанда мешавад ё созанда; ё ақраби савори сангпушт мешавад ё сангпушти ақрабро аз рӯд начотдиҳанда; ё ҳидояткунандаи роҳи рост мешавад ё чоҳе мешавад пеши роҳи асобадастон; ё оинаи соф мешавад ё оинаи каҷнамо...

Иршод Сулаймонӣ менависад:

«Тоҷикистон» нашрияи сер-хонанда ба ҳисоб меравад, теъдоди нашри он 14 000 - ро ташкил медиҳад. Чунин теъдоди нашр барои «Тоҷикистон» (нашрияи хусусӣ) беҳуда нест: гап сари он меравад, ки чанд сол қабл нашрия дар рӯйхати обунаи ичборӣ дохил буд, ки Дастгоҳи ичроияи Президенти Тоҷикистон онро тасдиқ мекунад».

Иршод, мехоҳӣ сирри як гапро бароят гӯям. Вале ба ҳеҷ кас нагӯй: Ман орзуи ба ин рӯйхат ворид шудани «Тоҷикистон» - ро дорам. Аммо ворид намекунанд. Намедонам, чӣ муаммоест. Шояд, дар ин рӯйхат номи «Тоҷикистон» бошад, аммо ҳафтанома не, маҷаллаи «Тоҷикистон», (нашрияи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон). Эҳ, ту содафаҳм, агар амали муғризона намедоштию ба суханони ман бовар мекардӣ, тадқиқ мекардӣ, ин дурӯғи бефурӯғро намегуфтӣ! Ёд дорӣ бо чӣ саволе ба ман муроҷиат карда будӣ?

-«Тоҷикистон» чанд сол қабл дар рӯйхати обуначиён ворид буд, ҳоло чӣ?»

Дар посух гуфтам, ки «Тоҷикистон» ягон вақт дар рӯйхат набуд. Обуна ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ихтиёрист. Ба ман бовар накардию ба корманди дигари мо Одил Нозир муроҷиат намудӣ. Ӯ ҳам сухани маро тасдиқ кард ва гуфт, ки ба масъули обуна Эраҷ Қурбонов муроҷиат кун. Аммо занг назадӣ, таҳқиқ накардӣ.

Магар ин аст шеваи тадқиқу таҳлили ту? Ҳам созмонҳои байналхалқиро раҳгум занондию ҳам бо дурӯғ ба гуноҳи кабира ғӯтидӣ! Як чизи дагарро ҳам мегӯям, аммо инро ба ҳар кас метавонӣ бигӯй! Баъзе ҳамкасбони мо, аз ҷумлаи нашрияҳои бонуфузи ғайридавлатӣ ба созмонҳои байналхалқӣ донос навиштаанд, ки медонед, «Тоҷикистон» мавқеи давлатро ҷонибдорӣ мекунад, ҳаргиз ба он грант надиҳед, кормандонашро таҷрибаомӯзӣ ба хориҷа нафиристед... Ва ҳоказо.

Иршод, мехоҳӣ, ки номи ин доносчик - ро гӯям? Худат медонӣ, касоне ки бехи гӯш «ҳақиқат»-и гапро мегӯянд, дар ташкилотҳои байналхалкӣ ҳам ҳастанд, мисли оне, ки чунон касон дар ҳукуматанд, пулакӣ хабарҳои обношустаро ба нашрияҳое, ки аз нигоҳи ту фаворит ҳастанд, зидди давлатӣ ҳастанд, мерасонанд.

Иршод, ту хуб медонӣ, ки мо ҳам журналисти ба пою қадам дорему бепою қадам, ҳам бадбин дорему ҳам хушбин. Чаро Ҳукуматро танқид кунӣ, хуб будаасту аз дастовардҳои Ҳукумат ҳарф занӣ, бад будааст? Айни ҳамин ба ҳамин нисбати нашрияҳо. Ту, ки муҳаққиқӣ, ҳирфаӣ ҳастӣ, шояд асрори пасипардаи ин дидгоҳро шарҳ медиҳӣ?

Бармегардем ба сари обуна. Ман дархост дорам, ки ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ва дигар нашрияҳои мустақил ба рӯйхати обуна ворид шаванд. Зеро ин як кумак, дастгирии Ҳукумат дар матбуоти озод мебуд. Бубинед, бисёр давлатҳо матбуотро аз андозҳои гарон озод мекунанд, субсидия (пуштибонии молӣ) медиҳанд.Эрон, ки муҳаббати хоса ба он дорӣ, барои рӯзномаю маҷаллаҳо ройгон қоғаз ҷудо мекунад. Чаро ин амалро танқид намекунӣ? Намегӯй, ки ай бародарҳо, ба ин нашрия ёрӣ нарасонед, зеро нашрияи ман нест? Ё дӯст медорӣ як бому ду ҳаворо?

Намедонам, туҳмати ту нисбати «Тоҷикистон» ба кадом моддаи Кодекси ҷиноятӣ мутобиқ меояд. Аммо хуб медонам, ки он мухолифи Кодекси одоби рӯзноманигорист, ки Шӯрои ВАО аз он ҳимоят мекунад ва ту узви раёсати он ҳастию зӯр зада зери нохуни пок бо заррабин чирк мекобӣ. Ман мехоҳам, ки Шӯрои ВАО нисбати ин амали носавоби ту мавқеи худро баён кунад.

«Тоҷикистон» - ро мечӯянд, меёбанд, мехонанд! Ин ҳақиқати бебаҳс аст. Бигзор гапи ту ҳақиқат дошта бошад, ки обуна ба «Тоҷикистон» ичворист ва сабаби зиёд бадани теъдоди нашраш дар ҳамин аст. Ту ба ин муътақид ҳастӣ? Бисёр мехостам, ки як нафарро пайдо кунӣ, ариза нависад, ки ӯро ба ин амал маҷбур карданд. Мо омода ҳастем пули ӯро баргардонем. Вале хоҳиш мекунам холисона, беғаразона ин корро анҷом деҳ. Агар хуб таҳқиқ мекардӣ ва ба мутасаддии бахши обуна муроҷиат мекардӣ, як нукта бароят рӯшан мегашт: обуна ба «Тоҷикистон» ҳамагӣ 33 фоизи теъдоди нашри онро ташкил медиҳад, 67 фоизи дигари он дар фурӯши озод аст. Аз хулосаи ту бармеояд, ки 67 фоизи дигарро мо маҷбуран ба муштариён мефурӯшем? Агар чунин аст, пас чаро худат ҳамчун сармуҳаррир, ки муассиси «Озодагон» бовар карда, ин нашрияро ба ихтиёри ту гузошта буд, чунин накардӣ?! Яъне, муштариёнро маҷбур накардӣ, ки «Озодагон»-ро харанд?

Дар ин коргоҳ ба ғайр аз «Тоҷикистон» чанд нашрияи дигар ҳам чоп мешаванд (холисона бароят мегӯям, ки ҳамаашон муваффақ), ки яке аз онҳо ҳафтаномаи «Оила» аст. «Оила» давоми 19 сол (аз соли 2000) зери назари ҳамин ҳайат чоп мешавад ва мувофиқи тадқиқоти Маркази тадқиқотии «Зеркало» ва дигар марказҳо тӯли 16 соли охир аз нигоҳи теъдоди нашр ва маҳбубият миёни мардуми Тоҷикистон ҷои аввалро ишғол мекунад. Обуна ҳам дорад. Ба ин чӣ мегӯй? Ин ҷо ҳам рӯйхат?

Ту ҳатто ҳангоми зикри сомонаҳои тоҷикзабон аз номбар кардани «Tajikistantimes», ки даҳ сол боз фаъолият дорад, худдорӣ намудӣ. Хонанда надорад? Дорад! Эътибор надорад? Дорад! Ғайримуғризона дар ин маврид ҳам метавонӣ як пурсиш гузаронӣ!

Магар касбияти кормандони ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ба касе хори чашм аст? Рӯзноманигорӣ заҳмат аст, кару фару ғурури бечо нест. Ба хотири манфиат ба чашми ташкилотҳои байналхалқӣ хок пошидан ҳам кори савоб нест. «Тоҷикистон» 27 сол бе грант фаъолияташро пеш бурд, минбаъд ҳам мебарад. Зинда бод қалами бурро, истеъдоди фитрӣ ва касбияти кормандони ҳафтаномаи «Тоҷикистон»!

Ҷаноби Иршод Сулаймонӣ, қариб ки фаромӯш кунам. Мехоҳӣ тамғаи чопи маводҳои «Фабрикаи ҷавоб»-ро ба пешонии «Тоҷикистон» занӣ?! Сад бор, сад ҳазор бор ғалат мекунӣ! Матолибе, ки дар «Тоҷикистон» чоп мешаванд, соҳибимзо, соҳибмуаллиф ҳастанд! Дар ин мавзӯъ ҳам метавонӣ боз як тадқиқоти дигар гузаронӣ ва дар шакли маълумотнома ба ҳар кучое хоҳӣ, бифиристӣ ва чоп кунӣ!

Усмон НИЁЗОВ,
муҳаррири «Тоҷикистон»

P.S:

Аҷабо, чаро нашрияҳо, телевизионҳои давлатӣ, ки зери мазаммати Иршод Сулаймонӣ қарор гирифтанд, муҳри хомӯшӣ ба лаб заданд? Магар муассисони онҳо ҳуқуқи аз манфиатҳои минбараш, нашрияаш, телевизионаш дифоъ карданро надоранд?

«ХИЗМАТГОРИ ХАЛҚ»

қасам хӯрд ва радаи Украинаро пароканда кард

Владимир Зеленский, Президенти нави Украина санаи 20 май қасам ёд кард ва расман ба фаъолияти худ дар раъси Раисҷумҳури ин кишвар ба фаъолият оғоз намуд.



Халқи ман дигар намегиряд!

Ҳафтвнигори 41-сола, ки бо иҷрои нақши президент дар филми «Слуга народи» (Хизматгори халқ) шуҳрат ёфт ва ба сиёсат ворид шуд, дар интихоботи президентии ин кишвар ширкат кард ва бо гирифтани 73 дар сади раъйи мардум Президенти ин кишвар таъин шуд.

Зеленский ҳангоми савганддкунӣ дар ҳузури вакилони мардум дар шаҳри Киев гуфт: «Қавл медиҳам, ки истиқлол соҳибихтиёрии Украинаро муҳофизат мекунам."

Хамчунин, ӯ пас аз савгандёдкунӣ ба рӯзноманигорон гуфт, ки мекӯшад, то ки халқи Украина дигар гиря накунад.

Аммо Зеленский ба ин маросим ба содагӣ наомад. Парлумони ин кишвар муҳлати савгандёдкунии ӯро ба қафо партофта, Петро Порошенко президенти қаблии кишвар ба хости худ тағйироти кадрӣ ҷорӣ мекард.

Ҳамин тавр, маросими адои савганди Владимир Зеленский чанд рӯз баъд аз он баргузор шуд, ки эътилофи аслӣ дар порлумони Украина пош хӯрд.

Баъди адои савганд дар Верховная Рада, Владимир Зеленский талаб кард, ки Юрий Лутсенко, прокурори бахсбарангези Украина, вазири дифо ва сардори Хадамоти амнияти миллӣ аз мақомҳояшон барканор шаванд.

Ӯ гуфт, ин афрод бояд дар муддати ду моҳ сабукдӯш шаванд ва ин кор бояд бар асоси қонунҳои нав сурат бигирад.

Парлумон пароканда шавад!

Владимир Зеленский эълон кард, ки Верховная Радаро пароканда мекунад ва хост, интихоботи зудрас баргузор шавад, аммо замони муайянеро пешниход накард.

Дар Украина ин баҳс сар зад, ки оё Зеленский ҳаққи пароканда кардани парлумонро дорад ё на, чун эътилофи асосӣ дар Верховная Рада ҳафтаи гузашта барҳам хӯрд. Ба гуфтаи коршиносон, бар асоси Қонуни асосӣ парлумон 30 рӯз муҳлат дорад, ки эътилофи нав ташкил диҳад ва дар ин муддат Раиси ҷумҳур ҳаққи пароканда кардани парлумонро надорад.

Аммо Зеленский аз ибтидо гуфта буд, ки парлумони кишварро «ки ба сарнавишти мардум коре надорад» пароканда хоҳад кард.

Аз ман бут насозед!

Ҳамчунин, Президенти тозаинтихоби Украина аз мақомоти сохторҳои давлатӣ даъват кардааст, ки дар утоқҳои кории худ акси ӯро нагузоранд.

Ӯ дар маросими савгандёдкунӣ дар шаҳри Киев гуфт: «чеҳраи ман муқаддас нест, ба ивази акси ман акси кӯдакони худро дар утоқҳои корӣ гузоред ва ҳар рӯз ба чашмони онҳо нигариста, фаъолият кунед».

Дар ҳоле Зеленский гузоштани аксашро дар утоқҳои кории кормандони давлатӣ манъ мекунад, ки дар аксари кишварҳои пасошӯравӣ дар ҷойи ба назар намоён гузоштани акси президентҳо расм шудааст.

Дар маросим адои савганди Владимир Зеленский, намояндагони 60 кишвар, аз ҷумла сарони кишварҳои Эстония, Латвия, Литва, Мачористон, Гурҷистон ҳузур доштанд.

ИМА зидди ХИТОЙ

кӣ зиёни бештар мебинад?

Чанд рӯзи охир миёни ИМА ва Хитой ҷанги тиҷоратӣ шиддат гирифт, ки он бозорҳои моллии ҷаҳонро такон дод. Ҳодиса аз он сар зад, ки ин ду кишвар пасу пеш боҷи гумрукиро барои масолеҳи якдигар боло бурданд.



Нахуст, рӯзи ҷумъа, ҳафтаи гузашта ИМА ба маҳсулоти воридотии Амрико бо арзиши 200 миллиард доллар 25 дар сад боҷи изофӣ таъин кард.

Хитой бошад гуфт, ки аз 1-уми июн боҷи гумрукиро барои маҳсулоти воридотии Амрико бо арзиши 60 миллиард доллар 25 дар сад боло мебарад.

Хамчунин, Хитой боҷи гумрукии 5 ҳазор маҳсулоти амрикоӣ, аз ҷумла гӯшт, сабзавоти гуногун, шарбат, равған, чой ва қаҳваро баланд бардошт. Кишоварзони амрикоӣ нигарон шуданд.

Доналд Трамп, Президенти ИМА рӯзи душанбе гуфт, афзоиши боҷи маҳсулоти чинӣ ба хазинаи кишвараш миллиардҳо доллари изофӣ меорад. Ба қавли ӯ, аксуламали Хитой ба қарори ӯ ҳеҷ таъсире ба иқтисоди Амрико нахоҳад дошт.

Трамп ваъда дод, ки зиёнашонро аз ҳисоби афзоиши боҷ ба маҳсулоти хитойӣ ҷуброн мекунад. Ӯ рӯзи 13-уми май гуфт: "Имсол хариди Хитой аз кишоварзони мо бисёр баланд аст, тақрибан 15 миллиард доллар ва мо коре мекунем, ки вазъи кишоварзони мо хуб бошад. Онҳо кишту фурӯшро идома медиҳанд, агар кам фурӯшанд, ҳам айни пулро ба даст меоранд, то замоне ки корҳо дуруст шаванд. Ҳамин гуна кишоварзон, истеҳсолкунандагон ва ҳукумати мо хушҳол мешаванд, чун мо миллиардҳо доллар ба даст меорем."

Таҳлилгарони хитойӣ бошад, баръакс мегӯянд, ки дар ин муомила Амрико зиён мебинад.

Гао Лингун, коршиноси чинӣ мегӯяд: "Дар кӯтоҳмуддат Хитой ва Амрико ҳар ду аз боҷҳо зиён мебинанд, вале баъди се то 6 моҳ фурӯшандагон ва муштариён дар Амрико қимати онро мепардозанд. Бар асоси муҳосиботи мо, аз афзоиши боҷ қимати маҳсулоти ширкатҳои чинӣ 10 ва аз амрикоиҳо 90 дар сад ё бештар аз ин афзоиш меёбад."

Бо вучуди ин иқтисоддонҳо мегӯянд, ҷанги давомдори тиҷоратӣ барои ҳеҷ тарафе хуб нест ва хостаанд, моҷаро зуд ҳал шавад.

МАЪЛУМОТНОМА



ИГОР КОЛОМОЙСКИЙ

Игор Коломойский - олигархи украинӣ

Коломойский, ки дар гузашта саҳоми бонк буд, соли 2015 муддати кӯтоҳе роҳбарии вилояти Днепропетровскро ба уҳда дошт, вале бо як қарори Порошенко аз вазифа барканор шуд. Президент ӯро дар таъсиси артиши хусусӣ ва талоши азхудкунии ширкати давлатии нефт айбдор кард.

Вале ҷонибдоронаш мегӯянд, Коломойский тавонист дар пайи ишғоли Қрим аз ҷониби Русия аз тавсеаи эҳсосоти ҷудоиталабона дар Днепропетровск пешгирӣ кунад. Русия баъди ишғоли Қрим дар моҳи марти соли 2014 аз ҷудоиталабони шарқи Украина дар Донбасс пуштибонӣ кард.

Коломойский, ки дар Украина таҳти тафтиш ва фишори ҳукумат қарор дошт, моҳи июни соли 2017 кишварро тарк кард ва дар ин муддат дар Исроилу Швейтсария зиндагӣ кард.

Игор Коломойский баъди тақрибан ду соли тарки ихтиёрии кишвар дубора ба Украина баргашт. Баргаштани ӯ ба поён ёфтани замони президентии Петро Порошенко рост омад.

Муносибатҳои Коломойский ва президенти амалкунанда Петро Порошенко давоми солҳои зиёд бад буд. Бозгашти ӯ ба Ватан чанд ҳафта баъди пирӯзии Владимир Зеленский дар интихоботи президентӣ сурат мегирад. Зеленский дар даври дуюми интихобот, ки рӯзи 21-уми апрели имсол баргузор шуд, ба Порошенко ғолиб омад.

Нашрияи интернетии Babel навишт, Коломойский баъди фуруд омадан дар Днипро гуфтааст, ки феълан дар бораи нақшаҳои баъдии худ чизе гуфта наметавонад.

ОШӮБ дар ЗИНДОНИ ВАҲДАТ

кӯшиши фирор ё муноқишаи байни маҳбусон?

Шаби 19 май соати 21.30-и вақти маҳаллӣ дар маҳбаси рақами 3/2-и шаҳри Ваҳдат, ки бо номи "Кирпичний" маъруф аст, ошӯби хунин рух дод.



Бино ба маълумоти Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, ба ин ошӯб Бехрӯзи Гулмурод, писари полковник Гулмурод Ҳалимов, ки соли 2015 ба Сурия рафта, ба ДИИШ пайваста буд, Фахриддин Гулов, Маҳмадулло Шарифов ва Руҳулло Ҳасанов роҳбарӣ кардаанд.

ВКД зимни шарҳи ин ҳодиса навиштааст, ҳадафи аслии ин афрод ташкили бетартибӣ дар маҳбас ва сипас, фарир аз ин ҷо будааст. Ба ин манзур онҳо се корманди маҳбас-майор Бурҳониддин Муродов, майор Абдуҷаббор Ҳалимов ва лейтенанти калон Маҳмуд Асоевро бо корд ба қатл расонда, 8 маҳбуси аъзои ДИИШ озод ва ба хотири тарсондани дигарон 5 нафарро бо шумули Саид Қиёмиддини Ғозӣ, Махсуми Саттор ва Шайх Темур тавассути корд куштаанд.

Ин назари расмии ВКД дар мавриди ошӯби маҳбаси шаҳри Ваҳдат буда, аммо имкони санҷидани то чӣ ҳад дуруст будани ин маълумот тавассути манобеи мустақил вуҷуд надорад.

Дар шарҳи расмии мақомот ба вуҷуди ихтилофи ақидатӣ дар миёни маҳкумшудаҳои аъзои ДИИШ ва Ҳизби мамнуъи наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИ) дар маҳбаси Ваҳдат ишора мешавад.

Дар хабари ВКД Бехрӯзи Гулмурод, писари полковник Гулмурод Ҳалимов, Фахриддин Гулов, Маҳмадулло Шарифов ва Руҳулло Ҳасанов аъзои гурӯҳи террористии "Давлати исломӣ" қаламдод шудааст, ки Каримов Саттор (Махсуми Абдусаттор), аъзои ҲНИ ва Сайид Қиёмиддини Ғозӣ, собиқ аъзои ҲНИ-ро бо корд ваҳшиёна ба қатл расондаанд. Агар ин маълумот воқеият дошт, пас дар ҳодисаи ошӯби маҳбаси "Кирпичний"-и шаҳри Ваҳдат ангезаҳои байнимазҳабӣ эҳсос мешавад.

Зимнан, бар асари исён дар ин маҳбас 29 зиндонӣ ва 3 корманди маҳбас кушта шуданд. Дар пайи амалиёти неруҳои амниятӣ 24 исёнгар безарар гардонда шуда, 35 нафари дигар боздошт шуданд. Гаравгонҳо озод гардиданд.

Дар сомонаи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон рӯйхати 29 зиндонӣ, ки дар ҷараёни амалиёти безараркунӣ кушта шуданд, чоп шудааст.

Нисбати ҳодисаи исён дар маҳбаси "Кирпичний" парвандаи ҷиноятӣ боз шуда, Прокуратураи генералии Тоҷикистон тафтишотро оғоз кардааст.

Tajikistantimes.com

29 зиндонӣ дар ҷараёни амалиёти безараркунӣ кушта шуданд. Нисбати ҳодисаи исён дар маҳбаси "Кирпичний" парвандаи ҷиноятӣ боз шуда, Прокуратураи генералии Тоҷикистон тафтишотро оғоз кардааст.

Ошӯб дар маҳбаси Ҳуҷанд "дарси ҷиддӣ" нашуд?

Исён дар маҳбаси "Кирпичний"-и шаҳри Ваҳдат дувумин ошӯби хунин дар зиндонҳои Тоҷикистон дар ним соли ахир аст.

Шаби 7 ба 8-уми ноябри соли 2018 дар зиндони рақами 3-и низомаш сангини шаҳри Ҳуҷанд ошӯби хунин сар зада, ба кушта шудани 25 нафар, аз ҷумла, ду нозири маҳбас мунҷар шуд.

Дар шарҳи расмии сабабҳои ошӯб мақомот гуфтанд, ки зиндониҳо талош карданд аз маҳбас фирор кунанд. Вале манобеи ғайрирасмӣ мегӯянд, бадрафторӣ ва шиканҷаи маҳбусон сабаби сар задани ошӯб шуда буд.

Баъди ин исёни бесобиқа, ки ба гуфтаи мақомот, тундравони исломӣ барангехтаанд, чанд мақоми Вазорати адлия, ки зиндонҳо тобеи он ҳастанд, аз мақом барканор шуданд. Ҳамчунин, чанд нафар аз масъулони зиндонро бо иттиҳоми саҳлангорӣ дар ичрои кор дастгир карданд.

Сардори маҳбаси рақами 3-и шаҳри Ҳуҷанд Файзулло Сафарзода як ҳафта пас аз сар задани ошӯб аз мақомаш барканор ва ба муҳлати ду моҳ ба ҳабс гирифта шуд. Нисбат ба ӯ дар асоси ду моддаи Кодекси ҷиноии Тоҷикистон - "суиистифода аз мақом" ва "хунукназарӣ" парванда боз шуда, тафтишот идома дорад. Дар ҳоли ҳозир ичрокунандаи вазифаи сардори ин маҳбас Диловар Арабзода таъин шудааст.

Дар пайи ин ҳодиса Иззатулло Шарифзода, беш аз 12 сол раиси Идораи зиндонҳои Тоҷикистон буд, рӯзи 23-юми ноябр аз мақом барканор шуд. Ҳамчунин, чанд масъули дигари идораи зиндонҳо дар пайи ошӯб дар зиндони Ҳуҷанд аз мақомҳояшон барканор шуданд.

Ҳамчунин, Додгоҳи вилояти Суғд 8 маъмури зиндони шаҳри Ҳуҷандро барои саҳлангорӣ ва роҳ додан ба ошӯби маргбор дар ин зиндон ба зиндон маҳкум кард.

Чунин ба назар мерасад, бо вуҷуди чунин танбеҳ ва муҷозоти кормандони маҳбасҳои кишвар вазъи ниҳодҳои ислоҳӣ беҳбуд наёфта ва кормандон аз таҷрибаи талхи исёнҳои қаблӣ сабақе нагирифтаанд.

Пушти пардаи маҳбас чӣ мегузарад?

Маҳбасҳои Тоҷикистон як муассисаи комилан баста, дастнорас барои ҳомиёни ҳуқуқи башар ва созмонҳои байналмилалӣ унвон мешавад.

Дафтари Салиби Сурхи Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон мегӯяд, ки бо вуҷуди мурочиати зиёд мақомоти кишвар ба онҳо ҳаққи вуруд ба маҳбасҳо ва имкони арзёбии мустақил аз вазъияти воқеии зиндонҳоро надодааст.

Ҳомиёни ҳуқуқ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ба дохили зиндонҳо дастрасӣ надоранд ва наметавонанд шикоятҳо дар мавриди бадрафторӣ, азият ва шиканҷаи маҳбусонро баррасӣ кунанд.

Манобеи ғайрирасмӣ аз қавли наздикони зиндониҳо мегӯянд, эҳтимол бадрафторӣ ва азияти маҳбусон сабаби даст ба эътироз задани зиндониҳои маҳбаси рақами 3-и шаҳри Ҳуҷанд шудааст.

Вале мақомот вуҷуди шиканҷа ва бадрафториву муҷозоти худсаронаи зиндониҳоро рад мекунанд.

Созмонҳои байналмилалӣ борҳо Тоҷикистонро барои шиканҷа танқид карда ва аз мақомот хостаанд, ки шиканҷаро аз байн бибаранд.

Соли гузашта беш аз 40 нафар аз шиканҷа шудани худ ё наздиконашон ба Эътилофи зидди шиканҷа дар Тоҷикистон шикоят кардаанд. Дар Додситонии кулли Тоҷикистон гуфтанд, ки соли гузашта дар робита ба шиканҷа чаҳор парвандаи ҷиноӣ боз карда, ду парвандаро барои баррасӣ ба додгоҳ фиристоданд.

Созмонҳои байналмилалии ҳомии ҳуқуқ аз мақомоти Тоҷикистон тақозо карданд, ки парвандаҳо нисбати ошӯб дар маҳбасҳо шаффофу одилона баррасӣ шавад.

Ба андешаи бархе ҳомиёни ҳуқуқ, барои ҳамаҷониба ва мунсифона мушаххас кардани сабаби ҳодисаи шоми 19-уми май дар зиндони Ваҳдат "таҳқиқи бетарафонаи намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст".

Ба эътиқоди онҳо ҳадаф аз тақозои шаффофияти таҳқиқ пешгирӣ аз такрори ошӯбҳои хунин дар маҳбасҳои Тоҷикистон аст, ки ҷомеаи кишварро ба шиддат нигарон кардааст.

Мардони МУҲАММАД,
"Тоҷикистон"

МАВҚЕЪ



Абдумудассир АҲМАДЗОДА,
рӯзноманигор

Рамазон дар СССР Рамазон буд...

Дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ ҳам моҳи Рамазон буд ва шояд аз ҳозира дида, ин беҳтар мегузашту шумораи мардуми рӯзадор бештар буданд. Бовар намекунед? Мегӯед, ки дар мактабҳо рӯзаро мехӯронданд?

Дуруст мегӯед, аммо он рӯзадорию он тақводорӣ ва он ихлосе, ки рӯзадорони советӣ зоҳир мекарданд, ҳоло дар рӯз бо чароғ кобед ҳам, намеёбед. Он замон нархи гӯшт ду рӯз пеш аз фарорасии Рамазон 20-30 фоиз боло "намепарид". Он замон рӯзаихтиёрӣ буд ва касе ҳам мардумро бо амри маъруф ба он даъват намекард, вале одамон бо пайравӣ аз дини ниёкони худ холисона рӯза мегирифтанд. Ҳарчанд рӯзаашонро бо зӯрӣ баъзан мехӯронданд, аммо онҳо ба тарафи дигар мегаштанду дубора ният мекарданд: "валисавми ғадди...". Чанд сол пеш уламои исломии мо (аз ҳама пешрафтатарин!) эълон намуданд, ки "имсол Рамазон 29 рӯз аст" ва ҳамагон хурсандона рӯза хӯрданд. Агар ин фатворо дар СССР медоданд, рӯзадори "атеисти" советӣ ҳатман ин моҳро буд карда, баъд рӯзахур мешуд. Боз фарқи рӯзаи советӣ аз рӯзаи имрӯза дар он аст, ки касеро барои он, ки рӯзадор нест, сарзаниш намекарданд ва барои ҳамин сафи рӯзадорон дар байни муаллимону хонандагон ва кормандони давлатӣ хеле зиёд буд. Ҳоло бошад, барои рӯза надоштан таъна мекунанд, аммо рӯзадорони воқеӣ кам андар каманду баҳона бисёр аст: "қанд, панкреатит, кори шабона, ҷавобгарии молиявӣ- сари "свежий" даркор ва ғайраву ва ҳоказо... . Дар замони шӯравӣ рӯзадорӣ пинҳонӣ буду рӯзахӯрӣ ошкоро, ҳоло рӯзахурӣ пинҳонию "рӯзадорӣ" ошкоро шудааст.

Пас , кадоме аз эшон рӯзадортаранд, рӯзадори советӣ ва ё "рӯзадори" имрӯза, ки баҳри фиреби ба ном "бародари исломии худ" аз ягон гуноҳ ҳазар намекунад ва ҳатто дар ин моҳи муборак чанд нафар "рӯзадор" якҷо шуда , мехоҳанд 27 сар гови ҳароммурдаро дар бозори "Панҷшанбе"-и Ҳуҷанд ба мардуми рӯзадор фурӯшанд? Магар ҳамаи инро Худованд намебинад? Албатта, мебинад ва барои ин агар дар ин дунё ба даст афтад, паси панҷара меравад ва агар аз ҷазои ин ҷо халос шавад, ҳатман дар он ҷо ҳам Қозикалоне ҳаст, ки ба ӯ на ришва дода мешаваду на "тағо" ба кор меравад. Бовар намекунед? Як "попробиват" карда бинед...

БА ТАВАҶУҲИ РАИСИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОРИФ ХОҶАЗОДА

Чарогоҳҳо дар чӣ ҲОЛАНД?

Яке аз масъалаҳои стратегие, ки Роҳбари давлат дар назди кишоварзон гузошта, онро дар ҳар як Паёмашон низ таъкид мекунанд, ҳалли масъалаи озуқаворист. Дар сурати оқилона истифода бурдани заминҳои кишт ва чарогоҳҳо ду масъала ҳалли худро меёбад:

1.Ҷойҳои нави кори муҳайё мегардад.

2.Ба ҷои маҳсулоти пастсифату сернитратдори воридотӣ истеҳсоли маҳсулоти тозаи ватанӣ афзун гардида, пеш аз ҳама, ба пойдории генофонди миллат мусоидат мекунад.



Аз рӯи маълумоти оморӣ, дар ҷумҳурӣ 3,8 миллион гектар чарогоҳ мавҷуд аст. Ин рақам на кам мешавад, на зиёд. Ҳатто баъзе мутахассисон даъво пеш меоранд, ки баръакс заминҳои чарогоҳ зиёд мешаванд. Дар сурате ки ҳар сол шахсони алоҳида, масъабдорон садҳо гектар чарогоҳҳоро ба моликияти хусусӣ (фермерӣ) табдил медиҳанд. Фарқаш нест, ки он шахс чорво дорад ё не, танҳо майдонҳои чарогоҳҳои мардум, ки подаашонро мечаронанд, гиранд шуд.

Чун дар дигар манотиқи кишвар дар ноҳияи Муъминобод низ тенденсияи торафт кам шудани чарогоҳҳо идома дорад. Соли 2000 - ум дар ин ноҳия 52 ҳазор гектар чарогоҳ буд. Мардум дар онҳо 64 ҳазор сар чорвои калону майдаро мечаронанд. Баъди 19 сол майдони чарогоҳҳо дар рӯйхати оморӣ ҳамон рақами 52 ҳазору 332 гектари соли 2000 аст. Саршумори чорвои калону майда бошад, ба беш аз 175 ҳазор сар расид. Лекин ба калаи касе барнамехӯрад, ки ҳоло 33 ҳазор гектари он чарогоҳҳо дар дасти хоҷагиҳои фермерианд. Аз 194 хоҷагии деҳқоние, ки бояд чорво дошта бошад, танҳо 80 ададаш чорво доранд. Як мисоли одӣ. Дар қади оби Тутқавул қариб 80 гектар заминҳои чарогоҳ мавҷуд буд. Ҳоло онро се - чор нафар аз они худ карда гирифтанду 6 подаи сокинони деҳаҳои Шаҳринав, Шаҳринави болою поён, Тутқавул бе алафзоранд. Ё ин ки дар қисми болои ноҳия мавзеъҳои Намозгоҳ, назди боғи идораи хоҷагии ҷангал, деҳаҳои Гулхоҷа, Хӯҷаҳақиқ майдонҳои фарохи чарогоҳҳо вуҷуд доштанд. Ин чарогоҳҳоро қитъаҳои хонасозӣ доданд, 5 биноҳои нави дуошёна бунёд гардиданд. Чарогоҳу заминҳои дигарашро бошад, чашмгуруснагони носерам васиқа кардаанд. Ин гуна мисолҳоро даҳ не, садҳо овардан мумкин. Пас чӣ бояд кард?

Якум, чарогоҳҳоро аз дасти фермерҳои бечорво баргардонанд.

Дуюм, нигоҳубин, бехдошт, серғизо гардонидани чарогоҳҳо боиси афзуншавии саршумори чорво, бо маҳсулоти тарутозаи экологӣ таъмин кардан, арзон шудани он мегардад.

Сеюм, афзуншавии чорво ба бунёди корхонаҳои коркарди гӯшт, шир, чармгарӣ, ресандагӣ ва боз пайдо гардидани ҷойҳои нави корӣ мешавад.

Чорум, содироти маҳсулоти чорво меафзояд.

Панҷум, манбаъҳои нави андозбандӣ пайдо мегардад, ки ба корҳои ободонию бунёдкорӣ мусоидат мекунад.

Шашум, маълум аст, ки сол то сол ба эҳтиёҷмандон ҳазорҳо гектар қитъаҳои замин барои хонасозӣ дода мешаванд. Кумитаи меъморию шаҳрсозӣ ба он мусоидат, чораандешӣ, барномарезӣ намояд, ки дар масоҳати хурд, давлат ё соҳибкорон биноҳои 4-5 ошёна созанд. Дар ин сурат масоҳати заминҳои холӣ зиёд гардида, боиси ривоҷи бахшҳои гуногуни кишоварзӣ хоҳад гашт.

Ҳафтум, дар сурати ҳалли мусбии масъалаҳои дар боло зикргардида на танҳо дастури Пешвои миллат оид ба масъалаи озуқаворӣ ҳалли пурраи худро меёбад, балки дар роҳи саноатикунонии кишвар корхонаҳои нав сохта мешаванд.

Нурулло ҲАСАНОВ,
рӯзноманигор,
н. Муъминобод

ВОКУНИШ - 622

МӮЛИЁН таъмир мешавад, РУКНОБОД обод

Вазорати нақлиёти ҶТ норасоиҳо ва камбудиҳои дар мақолаи О. Соҳибзода «Роҳи валангори Мӯлиён ё чаро зиёрати оромгоҳи Рӯдакӣ душвор аст?»-ро, ки дар ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз 3.04 2019, №14 чоп шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

ТОҶИКИСТОН 3

ОШКОРО

БА ТАВАҶҶУҲИ ВАЗИРИ НАҚЛИЁТИ ТОҶИКИСТОН ҲУДОЁРЗОДА БА ТАВАҶҶУҲИ РАИСИ ШАҲРИ ПАНҶАКЕНТ ИСЛОМ ЗИЁЗОДА

Роҳи валангори МӮЛИЁН

чаро зиёрати оромгоҳи Рӯдакӣ душвор аст?

Таъмиру нигоҳдории роҳи автомбилгарди аҳамияти ҷумҳуриявидошта Рукнобод-Рӯдакӣ, ки 17 км дарозӣ дорад, дар қатори 280 км роҳҳои дигари байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии шаҳри Панҷакент аз ҷониби Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомбилгарди Панҷакент дар доираи истифодаи маблағҳои буҷети ҷумҳуриявии барои нигоҳдории роҳҳо пешбинигардида, анҷом дода мешавад.

Соли 2018 барои таъмиру нигоҳдории роҳи мазкур дар доираи имкониятҳои мавҷудаи буҷавӣ 79,6 ҳазор сомонӣ масраф гардида, корҳои аввалиндараҷаи нигоҳдорӣ ва таъмири ҷорӣ ичро гардидаанд.

Соли равон барои ичрои корҳои зикргардида дар ин роҳ ҷудо намудани 68,4 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шудааст ва дар 3 - моҳаи аввал ба маблағи 13,9 ҳазор сомонӣ корҳо анҷом дода шуданд.

Масири ин роҳ қитъаҳои душворгузари кӯҳиро мегузарад ва дар ҳақиқат ба таъсири омилҳои иқлимӣ, аз ҷумла боришоти зиёд ва фаромандани тармаю сел бештар мувоҷеҳ мебошад. Табиист, ки дар муҳлатҳои аввали баъди мавсими боришоти пай дар пай ва батарафсозии оқибати офатҳои табиӣ, иқтидору имконоти муассисаҳои давлатӣ барои фаврӣ бартараф намудани ҳамаи нуқсонҳои дар роҳ ҷудошуда имкон надорад. Аз ин сабаб, мақсади асосии Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомбилгарди Панҷакент дар доираи маблағҳои ҷудошуда ин таъмини ҳаракати бехатари воситаҳои нақлиёт дар тамоми роҳҳои дар мувозина қарордошта мебошад ва баъдан бо мусоид гардидани шароит иқтидору имкониятҳо барои беҳдошти ҳолати техникии роҳ нигаронида мешаванд.

Ҷудо намудани 100 ҳазор сомонӣ барои таъмири асосӣ пешбинӣ шудааст. Бо мусоид гардидани шароит барои ичрои корҳои мумфаршкунӣ корҳои таъмирӣ оғоз мегарданд.

Соли 2017 аз ҷониби МДНРА-и шаҳри Панҷакент, дар ҳамбастагӣ бо як нафар сокини саховатпешаи ин диёр ба маблағи беш аз 250 ҳазор сомонӣ пули мошингузар дар мавзеи серсадамаю селфуро (километри 10-ум) сохта шуда буд.

Бехтарсозии ҳолати техникии роҳи мазкур ба мисли дигар роҳҳои кишвар дар доираи имконияту иқтидор таҳти назорати доимии масъулини соҳа қарор дорад.

Р. ВАЛИЗОДА,
муовини вазир

«Сардухтури ПУЛЧИНАК» барои 30-солагӣ пул ҷам мекард


10 ТОҶИКИСТОН ҲУҚУҚ

Сардухтури ПУЛЧИНАК

баҳси ӯ то раиси вилоят рафт

Дар Душанбе ҳалқаби "комақа" дастгир шуд

Посух ба мақолаи «Сардухтури пулчинак», ҳафтаномаи "Тоҷикистон", 24 апрели 2019 №17.

Дар асоси мақолаи мазкур аз тарафи гурӯҳи кории Раёсати тандурустии вилоят, мутахассисони шуъбаи аудити Раёсати молияи вилоят ва ноҳия, прокуратураи ноҳия санҷиш гузаронида шуд.

Дар ҳақиқат, ҳолати ҷамъоварии маблағ барои корҳои ободонӣ бахшида ба сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо розигии худи кормандон вуҷуд дорад. Ҳамаи маблағҳои ҷамъкардашуда барои корҳои ободонӣ сарф карда шудааст.

Дар таъминот бо маводҳои доруворӣ бо сабабҳои объективӣ (нагузаштани комиссияи тендерӣ) дар сари сол баъзе муаммоҳо ҷой доштанд. Ба сабабҳои ба мо номаълум комиссияи тендерӣ танҳо санаи 1.04.19 гузаронида шудааст. То 1.05.19 дар асоси қоидаҳои амалкунанда (ғайритендерӣ) ба маблағи 414832 сомонӣ маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббӣ харидорӣ ва истифода бурда шудааст. Дар айни ҳол дар ҳамаи шуъбаҳо маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббӣ дар ҳаҷми зарурӣ захира карда шудааст.

О. Сангинова бо назардошти қобилияти ташкилотчигиаш ба вазифаи сарҳамшираи беморхона таъин карда шудааст. Зиёда аз 5 сол собиқаи кор дар соҳаи тиб дорад. Санҷиши сатҳи дониши кормандони тибби миёна ва хурдро дар доираи уҳдадориҳои вазифавии худ ташкил ва таҷлили идҳои миллӣ, санаҳои таърихи ҷамъоварӣ ва истифода бурда шудааст. Баъди ба вазифа таъин шудани О. Сангинова ҳамагӣ 20 нафар кормандони тибби миёна ва хурд аз кор рафтаанд. Ҳамаи онҳо бо хоҳиши худ ё ин ки бо сабаби расидан ба синни нафақа аз кор рафтаанд.

Дар фаъолияти комиссияҳои доимоамалкунанда ташкил ва гузаронидани шӯроҳо ва дигар ҷамъомадҳои умумӣ баъзе камбудиҳо мавҷуд буда, оид ба ислоҳи онҳо чораҳои зарурӣ андешида шуд.

Сабаби таъмир нашудани биноҳои беморхонаи марказӣ норасоии маблағи аз буҷа пешбинишуда мебошад. Ҳамасола аз ҳисоби ёрии спонсорҳо ва имкониятҳои дохилӣ ба қадри имкон таъмири ҷории шуъбаҳо гузаронида мешавад.

Маъмурияти Беморхонаи марказии ноҳия оид ба ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии ноҳия ҳамаи чораҳоро меандешад.

О. БЕКБУТАЕВ,
сартабиб

ЧӢ МЕХӮРЕМ? ЧОЮ НОНИ ҚОҚ?

оё ҳаҷми муқаррароти “сабади истеъмолӣ” бо маош мувофиқат мекунад?

Маҳсулоти нонӣ ғизои асосии аксари мардум ба ҳисоб меравад ва мардум гӯштро камтар истифода мебаранд. Зеро қимату арзиши гӯшт имрӯз ҷавобгӯйи кисаи мардум нест. Бахусус дар ин моҳи мубораки Рамазон, ки нархи як кило гӯшт 45-50 сомониро ташкил медиҳад, магар метавон ҳар рӯз гӯшт истеъмол кард?



Сабади истеъмолӣ чист?

Ҳадафҳои стратегии Ҳукумати кишвар – расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии кишвар, дар маҷмӯъ ин ҳама ҷиҳати таъмини зиндагии шоистаи мардум равона гардидаааст. Саркори давлат Эмомалӣ Раҳмон, зимни дидору мулоқот бо аҳли ҷомеа таъкид бар он мекунанд, ки амалигардии ҳадафҳои стратегӣ ягона омили баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар аст.

Ҷиҳати ноил шудан ба зиндагии шоиста таҳлилгарону коршиносон иқтисодиёти хубро сарчашмаи асосӣ маънидод мекунанд. Воқеан ҳам, одилонаву оқилона истифода бурдани сармоя чӣ дар оилаву чӣ дар коргоҳу истеҳсолот метавонад дар таъмини зиндагии шоиста таъсиргузор бошад.

Дар ин матлаб даромаднокии аҳолиро бо сабади истеъмолӣ дар паллаҳои тарозу гузошта, то ҷое муайян кардаем, ки оё музди меҳнат ва ё даромаднокии аҳолӣ бо сабади истеъмолӣ дар мувозинат қарор доранд?

Шояд аксар ғофил аз маъниву мафҳуми сабади истеъмолӣ бошанд? Бино ба тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ”, сабади истеъмолӣ чунин маънидод мегардад: “Сабади истеъмолӣ – маҷмӯи ҳадди ақали маҳсулоти хӯрокворӣ, ғайрихӯрокворӣ ва хизматрасонист”. Тавре аз бандубасти қонун бармеояд, сабади истеъмолӣ вобаста ба имкониятҳои иқтисодии мардум муайян мегардад. Аммо кадом ниҳод инро муайян мекунад, норавшан боқӣ мемонад. Ҳарчанд расман қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012 таҳти рақами 775 “Дар бораи тавсияномаҳои методӣ оид ба муайян намудани сабади истеъмолӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” арзи ҳастӣ дорад ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқу амалигардии қарори мазкур вазифадоранд, аммо муқаррароти сабади истеъмолӣ равшану возеҳ нест.

Танҳо дар маҷмӯъ гуфта мешавад, ки таркиби сабади истеъмолӣ аз 11 номгӯйи маводи озуқа, аз қабили нон, маҳсулоти нонӣ, ярмаҳо, лӯбиёгӣ, картошка ва дигар намуди сабзавот, моҳӣ, шир, гӯшт, тухм ва равғани растанӣ иборат аст.

Бино ба навиштаи расонаҳо, дар соли 2017 меъёрҳои сабади истеъмолӣ барои як нафар тӯли як сол аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ чунин муқаррар шуда буд: маҳсулоти нонӣ - 145,2 кг, картошка - 64,8 кг, сабзавот ва полезӣ - 73,2 кг, мева - 28,8 кг, шакар - 14,4 кг, маҳсулоти гӯштӣ - 25,2 кг, моҳӣ - 5,8 кг, маҳсулоти ширӣ - 36,9 кг, тухм - 194,4 дона, равған – 16 кг, дигар маҳсулот (намак, чой) - 0,36 кг. Шояд имрӯз ҳам сабади истеъмолӣ чунин муқаррарот дошта бошад.

Колбасаҳои бесифат ба ҷойи гӯшт

Маҳсулоти нонӣ ғизои асосии аксари мардум ба ҳисоб меравад ва мардум гӯштро камтар истифода мебаранд. Зеро қимату арзиши гӯшт имрӯз ҷавобгӯйи кисаи мардум нест. Бахусус дар ин моҳи мубораки Рамазон, ки нархи як кило гӯшт 45-50 сомониро ташкил медиҳад, магар метавон ҳар рӯз гӯшт истеъмол кард? Асло не! Аз рӯйи мушоҳидоту таҷрибаҳо бармеояд, ки мардум бештар ба ҷойи гӯшт аз ҳасибу колбасаҳои арзон истеъмол мекунанд. Маҳз ҳамин омил – нарасидани ғизои комили аз витаминҳои гуногун бой, сабаби инкишоф наёфтану мубтало ба бемориҳои гуногун гардидани мардум мегардад.

Чизи дигар он аст, ки ҳасибу колбасаҳое, ки дар баъзе аз мағозаҳо пешкаши истеъмолкунандагон мегардад, умуман ҷавобгӯ ба талаботи стандартизатсияи давлатӣ нестанд. Борҳост, ки тавассути телевизиони кишвар аз сифати пасти маҳсулоти гӯштӣ, бахусус аз тарзи омоданамоии колбасаву ҳасибҳо гузоришҳо пахш гашта, коршиносон мардумро ҳушдор медиҳанд, то аз истеъмоли ҳар гуна маҳсулоти гӯштии пастсифат худдорӣ кунанд.

Адолати иҷтимоӣ ку?

Tajikistantimes.com

Колбасаҳое, ки дар баъзе аз мағозаҳо пешкаши истеъмолкунандагон мегардад, умуман ҷавобгӯ ба талаботи стандартизатсияи давлатӣ нестанд.

Бино ба маълумоти қаблӣ, агар дар соли 2015 як сокини миёнасол ва дорои қуввои корӣ ба ҳисоби миёна 153 кг нон ва 14 кг гӯшт истеъмол мекард, дар соли 2016 истеъмоли маҳсулоти нонӣ ба 150 кг расид. Яъне истеъмоли гӯшт кам ва нон зиёд шуд. Ва чунин аҳвол имрӯз низ идома дорад. Тибқи пешбинии олимони иқтисодшинос, тибқи меъёрҳои илман асосноккардашуда, ҳар як одам бояд дар як моҳ аз 4,5 то 5 кило гӯшт истеъмол кунад. Аммо мутаассифона, оилаҳое арзи ҳастӣ доранд, ки гӯштро танҳо дар хаёл тасаввур мекунанд. Ин ҳамаро омил, музди меҳнати ночизу адами сарчашмаи иловагии даромад аст. Ба андешаи деҳқонони хоҷагиҳо, музди меҳнате, ки онҳо дастрас мекунанд, танҳо барои ба даст овардани маҳсулоти асосӣ - орду равғану шакар басанда аст. Теъдоде аз деҳқонон дар заминҳои наздиҳавлигиашон картошкаву дигар сабзавот корида, то андозае худро аз бунбаст берун мекашанд.

Ёдовар бояд шуд, ки Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъмини амнияти озуқавории шаҳрвандони кишвар “Барномаи амнияти озуқавории Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023”-ро ба тасвиб расонидааст. Дар навбати худ Ҳукумат тасмим гирифтааст, ки татбиқу амалисозии барномаи мазкурро тавассути ҷалби сармояи хориҷиву имконоти буҷет ва фаъолгардонии корхонаҳои истеҳсолӣ аз ҷониби соҳибкорону деҳқонон роҳандозӣ кунад.

Воқеан ҳам, агар ба ин масъалаи рӯз дақиққорона назар андозем, он гоҳ бараъло маълум мегардад, ки агар сабади истеъмолӣ 500 сомонӣ дар як моҳ сари як нафар муқаррар шуда бошад, он гоҳ ба оилаи 5 нафарӣ 2500 сомонӣ лозим аст. Тавре мебинем, ҳаҷми сабади истеъмолӣ аз ҳадди ақали маош баландтар аст. Пас, метавон хулоса кард, ки адолати иҷтимоӣ коҳиш ёфтааст?!

Ба хотири он ки адолати иҷтимоӣ таъмин гардад, мо ниёз ба қонун дар бораи сабади истеъмолӣ дорем. Коршиносон дар ин самт изҳор медоранд, ки гӯё лоиҳаи қонуни мазкур таҳия ва пешниҳоди Ҳукумат гаштааст. Аммо чунин қонун кай ба тасвиб мерасад, номаълум боқӣ мемонад.

Муҳиддин ИДИЗОДА,
махсус барои “Тоҷикистон”

АЗ РӮЗГОРИ САРВАТМАНДОН

Леонид Михелсон

Леонид Михелсон соли 1955 дар шаҳри Каспийски Доғистон ба дунё омадааст.



Хатмкардаи Донишкадаи муҳандисӣ-сохтмонии шаҳри Куйбишев буда, яке аз ашхоси сарватманди Федератсияи Россия мебошад.

Вай дар аввал аз сохтмон кори худро оғоз намудааст ва аз ин ифтихор менамояд. Дӯстонаш нақл менамоянд, ки барои Михелсон пулу мол чизи муҳим дар зиндагӣ нест. Вай ҳамеша дар такопӯ буда, барои бунёди чизҳои нав талош меварзад.

Михелсон ба ёд меорад, ки соати шаши субҳ аз хоб бедор шуда, ба кор мерафт. Зеро соати 7 маҷлис доштанд. Барои наҳорӣ фақат об менӯшид.Вай дар шимоли кишвар, дар Тюмен кор карда, бо одамони неку бад бисёр дучор шуд ва чизҳои бисёреро омӯхт.

Вай тамоман арақ наменӯшад, вале виноро меписандад ва ҳатто коллексияи бузурге дорад. Моҳи декабри соли 2017 Михелсон дар нимҷазираи Ямал сохтмони лоиҳаи бисёрмиллиарда - заводи коҳиши газро, бо иқтидори 16,5 млн. т. бунёд намуд. Михелсон одами хеле сахтгир, меҳнаткаш ва ҳақталаб мебошад. Ба шарафи духтараш Виктория хазинаи хайриявиеро дар шаҳри Самара таъсис додааст, ки ба хотири дастгирии санъати муосир фаъолият мебарад.

Владимир Лисин

Металлург Владимир Лисин низ аз корманди қатории техникӣ то ба зинаҳои баланди комёбӣ ва сарватмандӣ расидааст.



Вай соли 1956 дар шаҳри Иваново ба дунё омадааст. Аз мобайни солҳои 80-ум то пошхӯрии Иттифоқи Шӯравӣ Лисин дар Комбинати металлургии Қарағанда кор мекард. Сипас, яке аз дӯстонаш дар Москва, дар ҳукумати Борис Елсин мансаби наве гирифта, ӯро низ ба ин шаҳри бузург даъват менамояд.

Лисин ба намудҳои гуногуни тиҷорат рӯ овардааст. Ба сиёсат шавқи калон пайдо намуда, соли 2000 дар шаҳри Липетск медиахолдинг таъсис дод. Сипас, ба харидории нақлиёт машғул шуд. Ҳоло завқи асосии ӯ ба тирандозии варзишӣ равона гардидааст.

Таҳияи
Насрулло ТӮЙЧИЗОДА

Фитри РЎЗА ва ЗАКОТ

идомаи посухҳои Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода ба суолҳои хонандагони «Тоҷикистон»



-Як рафиқам ҳамеша бо мо баҳс мекунад, ки сигору нос рӯзаро намешиканад, зеро ин чизҳо аз гулӯ поён намераванд ва дар баёни шиканандаҳои рӯза дохил нашудаанд. Мехоҳам шумо ба ин баҳси мо хотима бахшед.

Зафар, ш. Душанбе

- Дар ин масъала ҷои баҳс нест, зеро ҳам нос ва ҳам сигор рӯзаро мешикананд. Он чизе, ки кайфият мебахшаду ба воситаи он шумо неру мегиред ва ё кайфияти худро қонеъ мегардонед, шиканандаи рӯза аст. Рӯза доштан маънои аз ҳама чиз парҳез карданро дорад. Ҳам аз сухани бад, ҳам аз рафтори бад ва ҳам аз амалҳои бад. Магар сигору носкашӣ амали хуб аст? Он далелҳое, ки ҷонибдорони сигору носкашӣ меоранд, далели ғайришаръист. Агар носу сигор таъсир нарасонад, магар онро мекашанд? Пас, ин маводҳои номбаршуда шиканандаи рӯза ҳастанд.

-Гирифторони кадом беморӣ бояд рӯза нагиранд? Инро кӣ мушаххас мекунад: табиб, мулло ё худи шахс?

Марҷона, ш. Хуҷанд

-Мутобиқи шариати ислом чунин ваколатро табиби ҳозиқ дорад. Табиб муайян мекунад, ки вокеан ҳам, гирифтани рӯза барои саломатии як шахс зарар дорад, ӯ амр мекунад, ки ҳамон шахс аз гирифтани рӯза худдорӣ кунад. Масалан, гирифторони бемории қанд. Дар як рӯз бояд чанд литр об нӯшанд, вагарна саломатии худро аз даст медиҳанд, табиб ба онҳо гирифтани рӯзаро манъ мекунад. Вале бояд таъкид намоем,ки ин табиб ҳам дар назди Худо барои гуфтаҳои худ ҷавоб мегӯяд. Агар ӯ беморро, вокеан ҳам, дуруст аз гирифтани рӯза боздошта бошад, боке нест, вале агар бо назардошти ягон манфиати дигар ва беасос чунин корро карда бошад, ба ҷои он бемор ҷавоб хоҳад гуфт. Аммо рӯза ягона тоатест, ки асрори он танҳо байни Худо ва рӯзагир аст. Кас намедонад, шахсе, ки зоҳиран рӯзадор аст, вокеан ҳам, рӯза гирифтааст ё на. Бузургии моҳи Рамазон ҳам дар ҳамин аст. Дигар тоату ибодатҳо зоҳиран дида мешавад, фарз кардем, хондани намозу хайру садақа кардан ва ғайра. Аммо агар бемор худаш донад, ки ҳарчанд бемор аст, вале қувваташ барои гирифтани рӯза мерасад, беҳтараш, ки рӯза дорад. Ҳастанд нафароне,ки ният мекунанд, вале рӯза намегиранд. Онҳо бояд кафорати ин гуноҳро диҳанд. Кафорат, яъне ҷарима аст. Кафорати қасдан рӯза хӯрдан барои як рӯз 2 моҳу як рӯз муқаррар шудааст.

-Домуллои муҳтарам, фитри рӯза барои Рамазони соли 2019 чӣ миқдор муайян шудааст?

Воҷиб, н.Варзоб

-Мувофиқи қарори Шӯрои уламои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Рамазони имсола фитри рӯза ба ашхосе, ки сатҳи зиндгиашон миёна аст, 5 сомонӣ муқаррар гардидааст. Барои нафароне, ки зиндагии хуб доранду сарватманд ҳастанд, фитри рӯза аз ҳисоби гандум 5 сомонӣ ва аз ҳисоби мавиз 38 сомонӣ муқаррар гардидааст.

-Оё шахсе, ки рӯза намедорад, фитри рӯза медиҳад?

Мадина, ш. Панҷакент

- Шахсе, ки рӯза намедорад, бояд садақаи фитр диҳад. Аслан, фитри рӯза ба ҳамаи аҳли хонавода зарур аст.

-Бархе мегӯянд, ки фитри рӯзаро ба домуллое, ки аз пасаш намоз мегузорӣ, бояд дод. То чӣ андоза ин дуруст аст?

Мардон, н. Ашт

-Фитри рӯза ба ашхоси фақиру мискин ва нафароне, ки Худованд дар ояти 60-уми сураи "Тавба" зикр кардааст, дода мешавад. Садақаи фитр ва хайрот, пеш аз ҳама, ба наздикон, хешу табори камбизоату муҳтоҷ, табақаҳои ниёзманди ҷомеа, яъне ятимону маъюбон, шахсони бесаробон ва оилаҳои камбизоат аз ҳисоби заҳмати ҳалол ва бо дасту қалби пок дода мешавад. Агар домуллои шумо аз ҷумлаи ин гуна ашхос бошад, пас додани фитри рӯза ба ӯ боке надорад.

- Мегӯянд, ки фитри рӯзаро ба ака, додар ё апа додан ҷоиз нест. Оё ин дуруст аст?

Муҳаммадҷон, н.Айнӣ

-Садақаи фитр тибқи мазҳаби Имоми Аъзам (р) ба касоне дода мешавад, ки масриф закот ҳастанд, яъне фақиру мискин, мадюн, омили садақа ва ғайра. Бинобар ин, додани садақаи фитр ба акаву додар ва апаву хоҳар дуруст аст, ба шарте ки фақиру бенаво бошанд.

-Додани садақаи фитр ба имоме, ки масрафи закот нест, ҷоиз аст ва садақаи фитр дар гардани киҳо воҷиб аст?

Амрулло, н.А.Ҷомӣ

-Додани садақаи фитр ба шахсе, ки масриф ва мустаҳиққи закот нест, ҷоиз намебошад. Мустаҳиққи садақаи фитр ҳамон ашхосе ҳастанд, ки мустаҳиққи закотанд. Ба монанди фақир, мискин, қарздор ва ғайра. Садақаи фитр бинобар маззҳаби мо ҳанафиҳо бар шахсе воҷиб аст, ки ба қимати 85 гр. тилло ва ё ба арзиши тақрибан 2,5 ҳазор доллар, зиёда аз ҳоҷати асли молу сарват дошта бошад. (Шарҳ аз идора: дар муайян кардани нисоб, нархи 1 гр тиллои тозаро ба инобат бояд гирифт. Масалан, агар 1гр тилло 29 доллар бошад, 2500 доллар нисоби закот аст. Аммо агар тилло қимат шуд ё арзон, мувофиқи он ҳисоб карда мешавад).

Лозим ба ёдоварист, ки агар шахс 2,5 ҳазор доллари нақд, яъне коғазӣ дошта бошад, балки ҳар моле, ки аз ҳоҷати аслӣ берун аст, ин ҷо ҳисоб карда мешавад. Масалан, қолин, кӯрпа, либос, гов ва ҳатто утоқҳои зиёдатӣ нарх гузошта, ҳисоб карда мешавад. Агар маҷмӯи онҳо бо 2, 5 ҳазор доллар расид, пас бар ӯ садақаи фитр додан воҷиб ва садақаи фитр гирифтан ҳаром аст. Ба шарте ки қарздор набошад. Дар сурати қарздор будан, ҳукми мазкура баръакс мешавад. Яъне, садақаи фитр гирифтан ҷоиз мешавад, вале садақаи фитр додан воҷиб намешавад.

-Падарам дар зиндон аст. Оё ба ӯ ҳам додани фитри рӯза равост?

Санҷар, н. Девештич

-Оре, агар моли шумо ба нисоб расида бошад, пас барои шумо закот воҷиб аст. Инчунин, садақаи фитр бар шумо воҷиб аст.

-Устоди азиз, имсол нисоби закот чӣ миқдор муайян шудааст?

Набиҷон, н. Восеъ

- Бародари азиз, тибқи қарори Шӯрои уламо имсол нисоби закот ба миқдори 20000 сомонӣ муайян гардид, ки аз он 500 сомонӣ закот пардохт мешавад.

-Хоҳарам аз оила ҷудо шуда, таҳти сарпарастии бародар — яъне ман қарор дорад? Оё закотамро ба ӯ диҳам, мешавад?

Абдураҳмон, н. Ҳамадонӣ

- Хоҳар дар зери сарпарастии бародар бошад, бародар наметавонад ба ӯ закоташро бидиҳад. Аммо агар зери сарпарастии ӯ набошад, метавонад ба ӯ закот бидиҳад. Агар шумо бародарони дигар дошта бошед, ки хоҳаратон зери сарпарастии онҳо набошад ва онҳо соҳиби закот бошанд, пас метавонанд ба хоҳари худ закот бидиҳанд.

- Зиёда аз даҳ сол пеш ман ба писарholаам қарз дода будам. Дар ин муддат ӯ қарзро барнагардонд ва дар ин бора чизе ҳам намегӯяд. Якчанд сол пеш ӯро ёдовар кардам. Ман хавф дорам, ки агар аз ӯ суол кунам, сабаби озурдагӣ байни хонаводаҳо мешавад. Оё ин маблағро барои закот ҳисоб кунам?

Камолиддин, ш. Конибодом

- Бародари азиз, агар умеди пас гардонидани қарзатон вуҷуд дошта бошад, ҷоиз аст, ки ин маблағи қарзро дар закот ҳисоб кунед. Ин беҳтар аст.

- Агар ба воситаи телефон ё интернет ягон тиҷорат кунем ва пули он ба нисоб расад, аз он пул закот додан дуруст аст?

Иброҳим, ш. Истаравшан

- Албатта, новобаста аз он ки дар кучо фаъолият мекунед, маблағи шумо ба нисоб расида бошад, пардохти закот фарз мешавад. Аммо бояд бидонед, ки тиҷорати шумо дар интернет бояд дар доираи аҳкоми шариат бошад.

-Ман маблағи ба нияти харидани хона маблағ ҷамъ карда истодаам. Оиладор ва соҳиби як фарзанд ҳастам. Қариб ду сол мешавад, ки дар ҳуҷраи иҷора зиндагӣ мекунем. Ба ман додани закот фарз аст ё на?

Парвиз, ш. Душанбе

-Агар маблағи ҷамъкардаи шумо ба ҳадди нисоб (20000 сомонӣ) расида, аз вақти расидани он як сол сипарӣ шуда бошад, дар ин сурат бар шумо закот додан воҷиб мешавад.

-Оё андозҳое, ки ба давлат месупорем, закот ҳисоб мешавад ё не?

Мирзо, ш. Истаравшан

- Бародари азиз, андоз, боҷи давлатӣ ва дигар масрафҳое, ки ба давлат месупоред, вазифаи шаҳрвандии шумост. Закоти мол бошад, масъулияти бандагиатон дар назди Худованд аст. Бинобар ин, андоз закот ҳисоб намешавад. Масорифи закот нафарони махсус ва мушаххас ҳастанд, ки Худованд дар ояти 60-уми сураи "Тавба" баён кардааст. Аз ин рӯ, бар шахси закотдиҳанда лозим аст, ки закоташро бо дасти худ ба ин нафарон пардохт намояд.

Таҳияи О.СОҲИБЗОДА

ДАР ШУМОРАИ ОЯНДА: »

- **Фазилатҳои даҳаи охири моҳи шарифи Рамазон;**
- **Аркони намози ид**

ва суолҳои дигари ирсолкардаи хонандагони «Тоҷикистон»

Вайбер: 93-111-08-61

Ба суолҳои шумо рӯҳонии шинохта **Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода** посух мегӯянд.

ДЕВАШТИЧ ба куҷо менигарад?

Зайнураи сарсон бо ду кӯдак дар кӯча сарсон

Зайнура Абдуллоева, сокини деҳаи Қалъаи Мирзобой, ҷамоати деҳоти "Ваҳдат"-и ноҳияи Девашти ч 6 сол аст, ки бо ду духтарчаи ноболиғаш дар қабристон ва кӯчаву чойхонаҳо зиндагӣ мекунанд.



Манзили истиқоматии пештараи Зайнура



Кулбаи фақиронаи имрӯзаи Зайнура



Аммо ин занро хонаводаи шавҳар ва ҳатто худи волидонаш дар хона роҳ намедиҳанд. Духтарчаи калонии Зайнура, ки мебоист имсол дар синфи чорум таҳсил кунад, то ҳол шаҳодатномаи таваллуд надорад, аммо ба қавле "касеро сари як мӯй" парвои ӯву фарзандонаш нест. Зиндагии зиндадаргӯри Зайнура, ки ба дили сокинони деҳаҳои Қалъаи Дӯст ва Қалъаи Мирзобой раҳме наовардааст, моро водор кард, ки ба кулбаи ӯ рафта, сабаби дар кӯча мондани ашро пурсон шавем.

Аз келини хона то "бомж"-и кӯча

Зайнура Абдуллоева 12 сол пеш бо никоҳи мусулмонӣ ба Абдувоҳид Ӯрунов, сокини деҳаи Қалъаи Дӯст оиладор шудааст. Баъди 7 соли оиладорӣ шавҳараш-Абдувоҳид бо ҷурми маводи мухаддир аз ҷониби мақомоти милитсияи ноҳияи Девашти ч дастгир шуда, ба муддати 8,5 сол аз озодӣ маҳрум шудааст. Барои маҳбасӣ шудани шавҳараш хонаводаи Ӯрунов Зайнурарo мутаҳам мекунанд ва дигар дар он хона зистанашро намехоҳанд. Зайнура бар замми камбизоатии волидон ва дорои ягон маълумот ё ҳунар набудан дар хонаи хусуру хушдоман дигар нағунчида, ба хонаи падар меравад. Аммо дар хонаи фақиронаи падар, ки 11 нафар зиндагӣ мекунанд ва ягон манбаи даромад надоранд, Зайнура "ангушти шашум" мешавад ва маҷбур зиндагии кӯчагиро пеш мегирад. Ҳар гоҳ Зайнура ба хонаи хушдоман ояд ва талаби дар он ҷо бо ду кӯдакаш зистанро кунад, хушдоман ва додаршӯйҳояш ӯро зада пеш мекунанд. Барои шабошро рӯз кардан на иҷозаи хонадаронӣ медиҳанду на хотири аз гурусна гӣ нафавтидани ду духтарчаи ноболиғашро мекунанд. Баъди сафар ба деҳаи Қалъаи Дӯст ба хонаводаи шавҳари Зайнура рафтем, то сабаби келини хонагиро ба "бомж" табдил додани онҳоро фаҳмем.

Хушдоман: «Писарам нашъа меоварду занаш мекашид...»

-Хосият Ӯрунова хушдомани Зайнура буда, аз ҳама бештар ӯ ба зиндагии келинаш дар хона зид аст. Зоҳиран ҳавлию хонаҳо обод ва зиндагии минаёҳолона доранд, аммо вақте сабаби келинронии пурмоҷарои холаи Хосиятро пурсон шудем, гуфт:-Аз пушти ҳамин келин писари ман ба зиндон афтод. Аз рӯзи аввал маълум буд, ки хонагир нест. Писарам нашъаро ёфта меоварду занаш мекашид. Аммо бо ҷурми он нашъаманд писари бегуноҳи ман 8,5 сол маҳбасӣ шуд. Ҳоло 2,5 соли дигари умри ҷавонашро бояд дар пушти панҷара паси сар кунад. Баъди маҳбасӣ шудани писарам паёпай бо иштироки кормандони нозири минтақавӣ, раиси маҳалла ва дигарҳо бору колои келинро ҷамъ карда додам ва худашро барои ба сари оилаамон балои бештарро наоварданаш ҳамроҳ гусел кардам.

Магар бо ин гуна рафтораш мо иҷозат медиҳем, ки дар хона зиндагӣ кунад? Кадом хушдоман ин хел келинро роҳ медиҳад? Чаро масъулини мақомот ин ҷиҳати масъаларо ба инобат намегиранд?

"Келинҳо баъди ҷудо шудан, ба хонаи падар мераванд, чаро Зайнура ба ҷои хонаи волидон кӯчагардию оворагардиро интихоб кард? Магар духтар баъди бевагӣ дар хонаи падар намеғунҷад? Ҳазорҳо ҳазор занҳои бева магар дар хонаи падар не, дар куҷо мегарданд? Ӯро намегузорам, ки остонаи хонаи маро зер кунад"-афзуд хушдомани Зайнура.

Духтарам дар қабристону дар кӯча мезист, аммо...

Гулсун Суннатова, модари Зайнура, ба қавли худаш шаш сол боз на рӯз дораду на рӯшноӣ. Сабаби духтарашро ба оилаи Ӯруновҳо додан ва ба хонаи худ роҳ надоданашро чунин нақл кард:

-Аслан духтарамро бе қайди асноди ҳолати шаҳрвандӣ (ЗАГС) ба шавҳар доданӣ набудам. Аммо Музаффар ном хоҳаршӯи духтарам омада, илтимосу зорӣ кард, ки Зайнураро ба додарам Абдувоҳид ба занӣ диҳед. Модарам бемор аст ва беармон мурад. Баъди 7 соли оиладорияш домодам ба маҳбас афтод. Баъди ин ҳодиса духтарамро бо ду кӯдакаш ронданд. Ба ғайр аз ин, ду-се кӯрпаҳои кӯҳна ягон бору рӯзгорашро надоданд. Ҳатто сандуқ ва дигар чизҳои арзишнокаш то ҳол дар хонаи шавҳар аст. Албатта, барои модар дар кӯча мондани духтар дарди сахт аст. Ҳам аз бахташ монаду ҳам аз тахташ. Вале соли шашум аст, ки ба арзи шахсони камбағал касе намерасад. Наход барои ду ноболиғаш 2 сотиқ замин додан ба МИМҲД-и ноҳия имконнопазир бошад? Чаро одамони пулдор сотиқ не, балки гектар-гектар замин мегиранду ба духтари дар кӯчамондаи ман ду сотиқ замин намедиҳанд? Чандин маротиба ба мақомот рафт, аммо бенатиҷа. Ман худам дар ҳамин синну сол (60-сола) мардикорӣ карда, рӯз мебарам. Як духтари беваам бо як писарчааш дар хона, як писарам маъюб аст. Писари дигарам, ки ноновари хона аст, 6 фарзанд дорад ва онҳоро боазоб мехӯронаду мепӯшонад. Ман ҳатто духтарамро ғунҷонида наметавонам, боз набераҳоро аз кадом ҳисоб нигоҳубин мекунам? Зайнураро гуфтам, ки лоақал духтаронатро ба хонаи шавҳар мон ва худат омада зиндагӣ намо. Аммо дилаш намешавад, ки ду ҷигарбандашро партофта равад.



Хушдомани Зайнура



Модар ва яке аз духтарҳои Зайнура

Парвинаи 11 – сола шаҳодатномаи таваллуд надорад

Духтарчаи калонии Зайнура Парвинаи 11 - сола аст, аммо то ҳол ба мактаб намеравад. Ҳатто шаҳодатномаи таваллуд надорад. Духтарчаи хурдиаш Гулзираи 5 - сола бошад, аз рӯзи ба дунё омадан, танҳо қабристону сарсониҳо модару хоҳарбузургашро дид.

Дар ҳучраи Зайнура, ки дар чойхона ҷойгир аст, як гилемчаву кӯрпачаҳои кӯҳна, як плитаи чойҷӯшонӣ ҳасту халос, ки Сайидмухтор ном марди хайрхоҳ додааст.

Вақти суҳбат бо Парвина чӣ орзу доштанашро пурсидем. Вале ин духтараки ноком ҳатто мафҳуми "орзу"-ро дарк намекардааст. Танҳо гуфт:- Бисёр дугонаҳо дорам, аммо модаронашон намемонанд, ки бо ман бозӣ кунанд. Мегӯянд, ки бо ин сағераҳои кӯча бозӣ накунед, бо ин чиркину ифлосҳо нагардед. Ман ҳам мехоҳам мисли дугонаҳоям тоза бошаму озода пӯшам. Ман падарамро ёд мекунам, аммо дар маҳбас бошанд ҳам, ҳар моҳ як бор иҷозаи ба деҳа омаданро доранд. Вале ҳар гоҳ ки оянд, ба пеши дари кулбаи мо гузашта мераванду моро дидан намехоҳанд. Аз мо барин фарзандони дар кӯчамонда доштанашон шарм дошта, ҳатто, фарёд кунем, нигоҳ намекунанд...


Сирочиддин Аминов, муовини шӯрои маҳалла дар масъалаи Зайнура ва сарсониҳои ӯ гуфт: -Имрӯз Зайнура бо ду кӯдак дар кӯча мондааст, ҳолаш танг аст. Мо аҳли деҳа кӯшиш карда истодаем, ки мушкилот ҳалли худро ёбад. Аммо байни ду оила муросо нест. Ҳатто ба Зайнура фаҳмондам, ки агар аз уҳдаи нигоҳубини ду фарзандат набаро ӣ, онҳоро ба ихтиёри давлат супор ва худат ба хонаи падар рав. Аммо розӣ нашуд. Агар барои хонаи бунёд кардани Зайнура лоақал замин ҷудо шавад, бовар дорам мардуми хайрхоҳу саховатманд як кулбачае бунёд карда медиҳанд ва ӯро аз кӯчагардию дарбадарӣ ва оворагӣ раҳо мекунанд...

Дар асри XXI, ки имрӯз одамон қудрати дар кайҳон зиндагӣ карданро доранд, дар қабристону дар кӯча зистани зан, модари ду кӯдак магар нигаронкунанда нест? Пешвои миллат дар ҳар суханронии худ оид ба баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа сухан мекунанд, аммо дидани вазъи зиндагии Зайнура ва ду кӯдаки ӯ саволеро ба сар овард:- Пас "Бани одам аъзои якдигаранд"-и Саъдии бузургвор ба мардуми ин маҳал дахле надорад магар, ки як узвро дард овардаву дигар узвҳо қароранд?...

Фарзона МУРОДӢ
Хуҷанд-Девашти ч-(Ваҳдат)-Хуҷанд

“СИПЕҲРИ ОРЗУ”

тазкираи деринтизори Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ чоп шуд



Тазкираи “ Сипеҳри орзу “- и шоир ва муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ, ки борҳо дар мавриди мушкилоти нашри он мавод ба табъ расонида будем, аз чоп баромад. Китоб бо дастгирии директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АИ, академик Носирҷон Салимӣ нашр шудааст.

Дар тазкираи мазкур сухан аз рӯзгори 170 шоиру нависанда ва муҳаққиқони адабиёт меравад, ки дар охири асри XIX, асри XX ва ибтидои асри XXI дар Самарқанд зода шуда, эҷод кардаанд. Ҳамчунин, адибоне, ки дар дигар манотиқи тоҷикнишин таваллуд шуда, дар Самарқанд ба кори эҷодӣ машғул гардидаанд, аз мадди назари тазкиранигор дур намондааст.

Қимати асосии ин тазкира дар он аст, ки ба ҷуз адибони машҳури самарқандӣ дар он аз рӯзгори эҷодкороне низ сухан меравад, ки осорашон бо сабабҳои мухталиф ҷое нашр нашудааст, балки Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ онҳоро аз архивҳои шахсӣ пайдо карда, ба тазкира даровардааст. Рӯзгори сангини адибони охири асри XIX ва аввали асри XX, ки мувоҷеҳи инқилоб ва таъқиботи сталинӣ шуданд, хеле ҷолиб ва ҷонсӯз аст.

Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ мегӯяд, ки барои таҳияи ин тазкира 30 соли ҳаёти худро сарф кардааст: “Тавассути тазкираҳо сирру асрор ва рамзу рози таъриху фалсафа ва адабиёту ҳунари замони муайяне барои ворисонашон ҳифз мешавад. Масалан, агар имрӯз тазкираи “Лубоб - ул – албоб"- и Авфии Бухороӣ ва “ Маҷмаъ - ун – наводир” – и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ки бо унвони “ Чаҳор мақола” маъруф аст, дар даст набуд, огоҳии мо дар бораи баъзе ҷузъиёти зиндагиномаи намояндагони барҷастаи давраҳои аввали инкишофи адабиёти оламшумуламон андаку нокифоя боқӣ мемонд. Аз файзи ҳамин тазкираҳои пуразриш аст, ки бештаре аз ашъори суханварони даврони Сомониён, аз қабили устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, имрӯз барои мо дастрас аст. Ман ҳам 30 соли ҳаёти худро сарф карда, тазкираи адибони Самарқандро навиштам.”

Адабиётшинос Анзурати Маликзод, ки муҳаррири ин тазкира аст, дар мавриди қимати он мегӯяд:

“Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ, шоири муқовиматгар ва муҳаққиқи пурталошу сарсупурдаи тоҷик ҳастанд. Мавсуф дар баробари машғулиятҳои дигари адабӣ, хоса шеъргӯиву роҳбарӣ ба “ Маркази адабии тоҷикони Самарқанд “ фурсат пайдо карда, солҳо ба гирдоварии маводи тазкираи “Сипеҳри орзу “ аз бойгонӣ, китобхонаҳо, бойгонии шахсии адибон, тариқи пурсуҷӯву ошноӣ бо наздикону пайвандонашон ва инчунин бо ҷустуҷӯю омӯзиши бойгониҳои махфӣ дар бораи шахсият ва мероси бисёре аз адибони охири асри XIX ва аввали асри XX маълумоти фаровон ҷамъоварӣ кардааст. Зиндагиномаи аксарияташон, ба монанди Расул Ҳодизода, Камол Айнӣ, Ботурхони Хилъатпур ва дигарон, бо дасти худашон навишта шудааст. Бисёр аз намунаҳое, ки дар тазкира оварда шудааст, бозёфти худи устод аз бойгониҳо буда, аввалин бор ба чоп мерасанд. Маводи тазкира воқеаҳои давраи начандон тӯлонӣ буда, вале саршор аз фоҷиаву ҳодисаҳои бузурги таърихист. Аз китоби мазкур пайдост, ки сарнавишти бисёре аз аҳли сухану зиёи ин давра ба фоҷиаҳои сангин рӯ ба рӯ шудааст ва онҳо бе ҳеҷ гуноҳе ба зиндону табъид дучор омадаву зӯран аз фаъолиятҳои адабӣ дур карда шудаанд”.

Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ мегӯяд, тазкираро ба ояндагон мебахшад, то ки худшиносии миллӣ ва ғурури миллиашон боло равад:

“Дар ин тазкира вазнинтарин даврони зиндагии эҷодкорони тоҷики Самарқанд инъикос ёфтааст. Ман ин тазкираро ба миллатам мебахшам, то ояндагон донанд, ки чӣ касоне дар ин давраи сангин, дар ин давраи бухронӣ, дар ин давраи таъқибу фишорҳо забону адаби тоҷикро дар ин куҳнашаҳри тоҷикон фурӯзон нигоҳ доштааст. Ман барои нашри тазкира аз бародарам Носирҷон Салимӣ барои дастгирии моддиву маънавиашон изҳори сипос менамоям”.

МУМТОЗ

Агар як заррае эҳсос дорем...



Рухшона Асрорзода (Рухшона Норова) дар шаҳри Панҷкент зода шуда, айни замон дар синфи 6б-и МТМУ №34 ба номи А. Ҷомӣ таҳсил менамояд. Ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ ба эҷоди шеър машғул шуд. Намунаҳои ашъори ӯ дар нашрияҳои кӯдакону наврасон “Анбоз”, “Пайрав” ва рӯзномаи “Ҷумҳурият» ба нашр расидаанд.

Офтоби нурбор

Офтоби нурборам, модарам,
Эй нишоти рӯзгорам, модарам.
Мушфиқу ҳам соябонӣ бар сарам,
Роҳпо, чашмонтизорам, модарам.
Кони лутфу хони икромам туӣ,
Хайрхоҳу хайрборам, модарам.
Дӯст медорам туро мисли Ватан,
Аз ту бошад ифтихорам, модарам.
Рост гуфтанро зи ту омӯхтам,
Ростгӯву росткорам, модарам.

Забонро пос дорем

Агар мо модаронро дӯст дорем,
Агар як заррае эҳсос дорем.
Забони модариро гум насозем,
Забони модариро пос дорем.

Забон омӯхтам бо меҳри модар,
Забон омӯхтам бо шири модар.

Агар мо қадри модарро бидонем,
Забони модариро пос дорем.

Забони модариро пос дорем,
Чун аз модар варо мерос дорем.

Кабӯтарак

Кабӯтараки танҳо,
Чӣ мечӯӣ дар ҳаво?
Ба фикрам монда шудӣ?
Ё ин ки ташна шудӣ?
Биё, лаби бом нишин,
Лаҳзае ором нишин,
Як қатра обат диҳам,
Бас обутобат диҳам.

Бароят лона созам,
Аҷоиб хона созам.
Сипас диҳамат дона,
Шавӣ азизи хона.
Зиндагӣ бикун шодон,
Дар ҳавлияки моён.
Розӣ бошӣ, о наздам,
Кабӯтараки нағзам.

«Килки сабз» - озмуни шеър барои ҷавонон



Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» бахшида ба Рӯзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон таҳти унвони «Килки сабз» озмуни шеър эълон мекунад.

Дар он наврасон ва ҷавонони қаламкаши то 35 - сола метавонанд иштирок кунанд. Ҳадаф аз баргузории ин озмун дастгирии эҷодкорон, дарёфти истеъдодҳои нав, тарғиби эҷодиёти асил ва инъикоси дастовардҳои адабии кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошад.

Шеърҳое, ки пешниҳод мешаванд, аз назари вазн, қофия, мазмун, мундариҷа ва шеърият мавриди баррасии ҳакамон қарор мегиранд.

Онҳое, ки мехоҳанд дар озмун ширкат варзанд, се шеър, мухтасари тарҷумаи ҳол ва аксашонро ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» пешниҳод намоянд.

Ғолибони озмунро дипломи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми зерин интизор аст:

ҶОЙИ АВВАЛ - 3 000 СОМОНӢ;
ҶОЙИ ДУВУМ - 2 000 СОМОНӢ;
ҶОЙИ СЕЮМ - 1000 СОМОНӢ.

Бехтарин шеърҳое, ки барои озмуни «Килки сабз» пешниҳод мегарданд, дар шакли китоб чоп мешаванд. Ҳамчунин, ҳама шеърҳои пешниҳодшуда дар гӯшаи махсуси сомонаи «Tajikistantimes» чоп мешаванд.

Муҳлати қабули шеърҳо аз 10 май то 10 августи соли 2019.

Озмун дар арафаи ҷашни 28 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҷамъбаст мегардад.

Суроғаи мо: ш. Душанбе, хиёбони С.Шерозӣ 16, ошёнаи 11. **E-mail:** tojikiston@pressa.tj

Салоҳиддин Раббонӣ:

Амнияти МИНТАҚАВУ ҶАҲОН ба НАФЪИ ҲАМАГОН аст

Рӯзҳои 16 ва 17-уми майи соли равон дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир баргузор гардид.

Дар ин ҳамоиши бонуфуз Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро вазири корҳои хориҷии ин кишвар Салоҳиддин Раббонӣ намояндагӣ мекард. Дар рафти конфронс хабарнигори мо бо эшон ҳамсуҳбат шуд, ки фишурдаи онро пешкаши шумо мегардонем.

-Шумо дар конфронси мазкур иштирок ва суханронӣ намудед. Лутфан бигӯед, ки натиҷаи ин ҳамоишро чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед?

-Нахуст аз мардуми Тоҷикистон барои пазироии гарм ва аз шумо барои даъват ба мусоҳиба изҳори сипос менамоям. Конфронс, ки ибтикори олӣ ва бачо буд, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати кишвари шумо сурат гирифт ва он ба мавзӯи муҳим ва бамавқеъ, ки ба минтақа ва ҷаҳон иртибот дорад, бахшида шуда буд. Дақиқан, ба терроризм, ифротгароӣ ва қочоқи маводи мухаддир. Маълум аст, ки инҳо аз мушкилоте ҳастанд, ки ба давлати хос, мардуми хос ва дину оину фарҳанги хос маҳдуд нестанд ва мушкилоти ҷаҳонӣ мебошанд. Чун терроризм ва қочоқи маводи мухаддир мушкили фаромарзистанд, барои пешгирии он бояд роҳбурд ва стратегияе эҷод шаванд, ки бо ин муштарак муборизаро барем, то ки муваффақ гардем. Биноан, дар конфронси Раисҷумҳури Тоҷикистон ҷалолатмаоб Эмомалӣ Раҳмон, ки муртакиби ин ҷашновора ҳастанд, барои пиёда намудани ин стратегия даъват ба амал оварданд, ки бачост. Дар конфронс паёми мо рӯшан ва возеҳ буд. Мо ниёз дорем, ки ҳама кишварҳои минтақава ҷаҳон, ки ба таҳдиди терроризм ва ифротгароӣ мувочеҳанд, барномаи муштаракро рӯйи даст бигиранд. Хушбахтона, конфронс барои ин замина фароҳам оварда, то ки кишварҳои мухталиф бо ҳамдигар суҳбат кунанд ва ин барнома ҳар чӣ зудтар тарҳрезӣ шавад, то ин ки мо битавонем муштарак айлайҳи терроризм, ифротгароӣ ва қочоқи маводи мухаддир муборизаро барем. Афғонистон ҳам пешниҳодоти худро барои қатъномаи конфронс ироа кард. Мо умед дорем, ки муштарак муваффақ хоҳем шуд.



Салоҳиддин Раббонӣ, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

-Тамоми ҷаҳон бо терроризм мубориза мебарад, аммо он маҳв нашуда, балки ҳар чӣ бештар густариш меёбад. Аз нигоҳи шумо сабаби аслӣ дар чист?

-Мутаассифона, дар баъзе аз кишварҳо терроризм ба ҳайси обзор ё стратегия истифода мешавад ва ташфиқ мегардад. То ҳанӯз кишварҳое ҳастанд, ки терроризмро василаи сиёсати хориҷии худ медонанд ва аз он истифода мекунанд. То он замоне ки мо ба чунин наticае нарасем, ки набояд аз терроризм ба ҳайси обзори сиёсати хориҷӣ истифода кунем, мо дар амри муҳими худ муваффақ намешавем. Бинобар ин, муҳим аст, ки ҳама давлатҳо дарк кунад, субот ва амнияти минтақаву ҷаҳон ба нафъашон аст ва содиқона бо мо - бо кишварҳое, ки мутаассир аз терроризм ва ифротгароӣ ҳастем, ҳамдаст шаванд, то ки якҷоя мубориза барем.

-Зимни ин сафар ҳамчунин, шумо бо мақомҳои олии Тоҷикистон мулоқот доштед. Бардоштатон аз ин мулоқоту суҳбатҳо чӣ гуна аст?

-Мақомҳои муҳтарами Тоҷикистон, ки бо эшон мулоқот доштем, ҳамаашон аз ҳимояву пуштибонии мардуми Тоҷикистон аз талошҳои сулҳу субот дар Афғонистон гуфтанд. Мо ташаккур мекунем, аз Ҷаноби Раисҷумҳур, раиси парлумон ва ҳамаи дӯстони дигар, ки дар талошҳои сулҳ ва расидан ба Афғонистони босубот дар паҳлӯи мо буданашонро изҳор карданд. Дар ин суҳбатҳо қайд шуд, ки сулҳи Афғонистон ба нафъи Тоҷикистон аст ва онҳо низ дар баробари мо талошҳои ҷиддӣ хоҳанд кард. Мо низ аз кумакҳои Тоҷикистон изҳори ташаккур намуда, дар мавриди ҷудо кардани бурсия барои таҳсили ҷавонони мо пешниҳодҳо намудем, ки матраҳ шуданд. Мо изҳори сипос мекунем, ки теъдоде аз донишҷӯёни афғон дар Тоҷикистон ҳастанд ва баъди таҳсил ба кишвари худ баргашта, ба хидмати мардуми худ мепардозанд. Тоҷикистон кишвари дӯсту бародари мост, ки дар ҳамаи арсаҳо бо мо ҳамкор буданд ва ҳимояти худро ҷиддӣ эълон намудаанд.

Tajikistantimes.com

Мо изҳори сипос мекунем, ки теъдоде аз донишҷӯёни афғон дар Тоҷикистон ҳастанд ва баъди таҳсил ба кишвари худ баргашта, ба хидмати мардуми худ мепардозанд.

-Шумо дар мавриди робитаҳои Тоҷикистону Афғонистон ёдовар шудед. Аз нигоҳи шумо айни замон дар кадом бахшҳо иртиботи мо қавӣ аст ва дар кадом сатҳҳо равобити мо тақвият мехоҳад?

-Мо кишварҳои дӯсту бародар ҳастем, ки ақидаи муштарак, фарҳанг ва таърихи муштарак дорем. Бинобар ин, дар арсаҳои мухталиф метавонем ҳамкор бошем. Дар мулоқотҳое ҳам, ки сурат гирифтанд, дар мавриди равобити бештари фарҳангӣ, илмӣ ва сиёсӣ суҳбатҳо шуд. Ман метавонам, итминон диҳам, ки алҳамдулилоҳ, равобити мо хуб аст ва ҳамаи икониятҳо вуҷуд дорад, ки он бештар тақвият ёбад. На танҳо дар ин масоил, балки дар самти иқтисодиёт низ робитаҳои мо қавӣ мешавад. Пружаи калони CASA - 1000, ки тавлиди инержӣ дар Осиёи Марказӣ ва интиқоли он ба тариқи Афғонистон ба ҷануби Осиё ва худи Афғонистонро дар назар дорад, пружае ҳаст, ки равобити иқтисодии минтақаро боз ҳам мустаҳкам мекунад. Роҳи оҳане, ки аз Тоҷикистон ба Афғонистон ва аз Афғонистон ба кишварҳои ҷануби Осиё мебарояд, иншоаллоҳ, агар амалӣ шавад, мо ба таҳаввулоти бузурги иқтисодӣ ноил мешавем, ки ба нафъи мардуми минтақа ва Афғонистону Тоҷикистон аст.

-Шумо нақши Тоҷикистонро дар мубориза бо терроризм ва нафъи онро дар раванди кунунии сулҳи Афғонистон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

-Нақши мусбати Тоҷикистон дар раванди сулҳи Афғонистон қобили қадр аст. Мо ҳамеша аз нақши мусбати кишвари шумо дар иртибот ба сулҳ ва амният истиқбол кардаем. Кӯшишу талоши мо ҳам ин аст, ки талошҳои сулҳи мо муваффақ шавад. Ҳамин тавр, мо ташаббуси ҳамаи кишварҳои дӯстро истиқбол мекунем. Шумо медонед, ки ИМА дӯст ва ҳампаймони Афғонистон, ба хотири овардани сулҳу амният намояндаи хос таъин кардааст, ки ҷаноби Халилзод масъулияти ин пружаи сулҳро ба дӯш дорад. Феълан миёни ИМА ва «Толибон» гуфтугӯ идома дорад. Мо умедворем, ки ҳар чӣ зудтар шоҳиди баргузории музокироти мустақим миёни Афғонистон ва «Толибон» бошем. Ин раванд на танҳо ба Афғонистон, балки ба тамоми минтақа кумак мекунад, зеро он ҳам барои ҷаҳон ва ҳам минтақа муҳим аст. Хушбахтона, Тоҷикистон ҳамеша ба Афғонистон ҳамназар буда, талошҳои сулҳро дастгирӣ мекунад.

-Вақтҳои охир ибораи таҳти моликияти худи афғонҳо будани раванди сулҳ бештар садо медиҳад. Шумо нисбати ин чӣ назар доред ва нақши созмонҳои ҷаҳониро дар раванди сулҳи Афғонистон чӣ гуна дидан мехоҳед?

-Сулҳ ба муваффақият замоне мерасад, ки он бо моликият ва роҳбарии афғонҳо бошад. Ин чӣ маънӣ дорад? Яъне афғон бо афғон бинишинанд ва мушкилашонро ҳал кунанд ва атрофи мушкилоташон суҳбат намоянд. Хоҳиши давлати Афғонистон ҳам ҳамин буда, ки иқдомоти кишварҳои ҳамсоя ва дӯст, барои раванди сулҳ ва расидан ба субот натиҷа бидиҳад. Мо аз талошҳои ИМА ва кишварҳои минтақа барои оромӣ ҳимоя мекунем. Талошҳои мо бояд тақвияти сулҳе бошад, ки дар ҳимояи Афғонистон қарор гирад. Таъкиди мо ин аст, ки пружаҳои сулҳҳоҳ ҷудо-ҷудо набошанд, яъне ҳар раванд дар ҳар гӯша, ҷудо пеш наравад, балки дар якҷоягӣ барои расидан ба ҳадафи муайян талош кунем, ки барои тақвияти сулҳ мусоидат кунад.

-15 май дар Афғонистон интихоботи парлумонӣ поён ёфт ва 28 сентябр омодагӣ ба интихоботи президентӣ оғоз меёбад. Ин дар ҳолест, ки даргирии ҳукумат бо «Толибон» ва ДИИШ-иёни навпайдошуда идома дорад, аз ҷониби дигар масъалаи сулҳ аз тарафи «Толибон» дида намешавад. Дар чунин шароит тасвири шумо аз ояндаи Афғонистон ва амнияти ин кишвар чӣ гуна аст?

-Интихобот ва пружаи сулҳ ду чизи ҷудо аст, аммо метавонад ҳамзамон ҳар ду пеш равад. Ҳеҷ яке аз инҳо монеи дигаре нахоҳад шуд. Ба ин маъно, ки гуфтугӯҳо ва музокиротҳо дар масири сулҳ ҳеҷ вақт монеи баргузории интихоб намешавад ва интихобот ҳам монеи сулҳ нест. Мувофиқи Қонуни асосии Афғонистон интихобот бояд баргузор шавад, роҳбарияти сиёсӣ аз тарафи раъйи мустақили мардум интихоб гардад. Комиссиюни мустақили интихоботи Афғонистон омодагиҳои худро гирифта, интизорем, ки дар вақти таъиншуда интихобот баргузор хоҳад шуд.

-Ҷаноби Раббонӣ, барои вақт ҷудо карда, бо мо ҳамсуҳбат шуданатон ба шумо изҳори сипос менамоем.

Мусоҳиб
Б. НОЗИРДУХТ

20 соли БЕОБӢ дар ХУРОСОН

роҳбарон меоянду мераванд, аммо натиҷа ку?

Аз 111 ҳазор аҳолии ноҳияи Хуросон қисмати андаки онҳо, яъне 19 дарсадашон бо оби доимии нӯшокӣ таъминанд. Зиёда аз 20 сол инҷониб роҳбарияти собиқу имрӯзаи ин ноҳия наметавонанд, ки мардумро бо об таъмин кунанд.











“Об дар кӯза...”

На танҳо ҳастии инсоният ба об вобастагӣ дорад, балки гулу гиёҳ, ҳайвоноту наботот, хулоса, зиндагии осоишта ва ободию озодагӣ аз об сарчашма мегирад. Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги об будан, дар дунё яке аз сарзаминҳои сероб ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди мавҷуд будани захираҳои кофии об, бархе аз сокинони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, ҳоло дар мисоли истиқоматкунандагони ноҳияи Хуросон, аз нарасидани оби ошомидании аз ҷиҳати экологӣ тоза танқисӣ мекашанд. Зиёда аз 20 сол инҷониб роҳбарияти собиқу имрӯзаи ин ноҳия наметавонанд, ки мардумро бо об таъмин кунанд. Ба гуфти аҳолӣ «меоянду мераванд».

Сокинон: «Ба кӣ умед бандем?»

Аксар сокинони ноҳияи Хуросон дар назди хонаҳояшон чоҳ кофта, баҳри қонеъ кардани эҳтиёҷоти хеш онҳоро дар фасли боришот бо оби борон ва дигар вақт бо оби харида пур мекунанд.

Қодиралӣ Забиров, сокини ҷамоати шаҳраки «Обикиик»-и ноҳия, бо таассуф изҳор намуд, ки аз набудани об киштзорҳояшонро соле як маротиба фақат дар фасли баҳор шодоб карда метавонанд. Дигар вақт заминҳо холӣ мемонанд. Ба қавли ӯ, аз соли 1994 то инҷониб мушкилоти набудани об роҳи ҳал пайдо накардааст. “Чоҳро бо оби борону барф ва оби харида пур карда, кӯшиш мекунем, ки онро сарфакорона истифода барем. Агар об тамом шавад, маҷбурем, ки аз ҳамсоя об талабем”, - афзуд вай.

Солҳо боз наомадани об тавассути хатҳои обгузари ба истилоҳ давлатӣ бошандагони биноҳои 5-ошёнаи маҳаллаи Исмоили Сомонии маркази ноҳияро бештар аз ҳама нигарон кардааст. Муродгул Юлдошева, истиқоматкунандаи ин маҳалла, зимни суҳбат иброз намуд, ки дар бинои онҳо 60 хочагӣ зиндагӣ мекунад. Аксари онҳо дар ҳавлии бино барои аъзои оилаи худ чоҳ кофта, обро дар онҳо бо ёрии мошинҳои обкаш захира мекунанд. «Чанд сол аст, ки масъулин ба мо ваъдаи биноро бо об таъмин кардан медиҳанд, аммо то ҳол он ваъдаҳо иҷро нашудаанд», - илова намуд ӯ.

Тазод: «Нанӯшед!”. Чӣ нӯшем?»

Дар ҳамин ҳол, мутасаддиёни Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳия бо такя ба таҳлилҳои касбӣ ба мардум ҳушдор додаанд, ки аз оби ҷӯйҳои атроф бо мақсади ошомидан истифода набаранд. Зеро ифлосии онҳо манбаи асосии пайдоиши бемориҳои сироятӣ шуда метавонад.

– Мо соле се маротиба ҷӯю наҳрҳоро бо маҳлули махсус безарар мегардонем, - шарҳ медиҳад Низомиддин Бобоев, директори Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳия. – Мушкил дар ин аст, ки як маротибаи безараргардонӣ ҳамагӣ 4-5 рӯз таъсир мерасонаду халос.

6 тонна об - 60 сомонӣ?!

Бино ба иттилои Тоҷиддин Набиев, сармуҳандиси Корхонаи давлатии фарҳии хоҷагии манзилию коммуналии ноҳия, дар фасли бебориш, яъне тобистон ҳамарӯза аз 50 то 70 мошин об аз ҷӯю наҳрҳо ба ниёзмандон кашонида мешавад.

-Он ҷӯе, ки мардуми ноҳия истифода мебаранд, поёноби ноҳияҳои Ёвону Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад. Оби ҷӯй тобистон боз ҳам ифлостар мешавад. Аммо мардум ноилоҷ аз он истифода мебаранд, - гуфт Т. Набиев.

Ҳиммати мақомот - 75000 сомонӣ?

Ба иттилои масъулин, хатҳои оби нӯшокӣ ҳанӯз соли 1987 кашида шуда, ҳоло бинобар истифодаи тӯлонӣ 80 фисадашон фарсудаю корношоям гардидаанд. Табиист, ки бо чунин сурат гирифтани вазъ ва бепарвогии масъулон таъмини сокинон бо оби тозаи ошомиданӣ марҳила ба марҳила коҳиш ёфта истодааст.

Ин ҳам дар ҳолест, ки ба гуфти Бадриддин Эмомализода, сардори Раёсати молияи ноҳия, барои харидорӣ намудани муҳаррики обкашӣ танҳо соли 2015-ум аз буҷети маҳаллӣ 75 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидаасту халос. Яқинан, бо чунин тадбирандешӣ вазъ то ҳол ислоҳ металабад.

Аммо Раҳматулло Сафарзода, раиси ноҳияи Хуросон зимни нишасти матбуотии хеш, ки 15-уми феврали соли ҷорӣ баргузор гардид, иддао кард, ки маҷомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия то кунун талоши зиёд ба харҷ додааст. Ва дар назар аст, ки корҳои кашидани хати нави оби ошомиданӣ ҳамин сол оғоз гардад.

Тоҷиддин Набиев, сармуҳандиси Корхонаи давлатии фарҳии хоҷагии манзилию коммуналии ноҳия изофа кард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чор сол инҷониб бо ташкилоти “JICA”-и Ҷопон дар самти таъмини пурраи аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ гуфтушунид анҷом дода истодааст. Дар сурати ҳосил шудани мувофиқа, дар назар аст, ки ин орзуи деринтизори сокинон бо харҷи ҳудуди 50 миллион евро амалӣ карда шавад. Дар он сурат таъминоти аҳолӣ бо оби мавриди назар ба 85 дарсад хоҳад расид.

Умед дорем, ки ин мушкилии беш аз 20-солаи мардуми ноҳияи Хуросон, ки аксарияташонро деҳотнишинон ташкил менамоянд, дар доираи эълони «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» рафъ хоҳад гардид.

Ҷомӣ ХАЛИФАЕВ,
Машраби АЛОВИДДИН,
махсус барои “Тоҷикистон”



Мураббии паҳлавонони Язғулом

Ҳайдар Кӯҳкандов ҳамчун омӯзгор, оҳангсоз, сароянда, паҳлавони гӯштингир дар ноҳияи Ванҷу водии Язғуломи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ному овоза дорад.

Ӯ солҳои 1955-1957 Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Самарқандро, ки он замон дусола будааст, ба поён оварда, аз соли 1960-1966 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории таҳсил намудааст.

Баъдан, ба зодгоҳи худ, деҳаи Жамачи ноҳияи Ванҷи водии Язғулом рафта, дар мактаби миёнаи № 24 ба номи Ф. Энгелс омӯзгор шуда, кор мекунад. 12 сол дар ҳамин мактаб сарварӣ карда, ҷамъулҷамъ 45 сол омӯзгорӣ намудааст. Номбурда Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Омӯзгори хизматнишондодаи ҷумҳурӣ мебошад. Инчунин, бо чандин ифтихорномаҳо қадр карда шудааст. Ҳоло ба нафақа баромада, давраи пиронсолӣ мегузаронад.

Чун инсони бо обрӯ номбурда дар бисёр корҳои ҷамъиятӣ пешсаф аст. Масалан, барои сохтмони роҳу барқарор кардани барқ, пешвози меҳмонони дуру наздик, хулоса барои ҳамаи корҳои вобаста ба беҳбудии вазъи зиндагонии сокинони водии Язғулом фаъол мебошад. Дар бунёдсозии боғ, ӯ ибрати дигарон аст.

Наметавон ҳаминро низ ёдовар нашуд, ки дар тарбияи паҳлавонон, гӯштингирони дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ғолиб омада, саҳми бузург дорад. Боиси ифтихор аст ки се нафар дастпарвардаи Ҳайдар Кӯҳкандов, аз ҷумла Сабзалиев Бехруз, Нағзалиев Ёралӣ ва Шайхов Ибод устодони варзиши ҷумҳуриявӣ ҳастанд.

Омӯхтани илму дониш дар хонадони Устод Ҳайдар Кӯҳкандов ба ҳукми анъана даромада, фарзанд ва наберагонаш донишкадаҳои олии мамлакатро хатм намуда, дар ташкилотҳо ва муассисаҳои кишвар кору фаъолият менамоянд.

Бо вуҷуди ин касбу пешаҳо муаллим табъи шоирӣ низ дорад. Албатта, бояд қайд намуд, ки шеърҳои ӯ дар доираи кору зиндагонии рӯзмарраш аст ва ҳеҷ гоҳ худро шоиру шеъردон гирифтанӣ ҳам нест.

Ман ба ин омӯзгори асил саломатӣ ва саодати зиндагӣ орзу дорам.

Зокир АЛИЗОДА,
сокини ш. Душанбе

БЕ ПУЛ касалат СИҲАТ наёбад!

Соҳаи тандурустии Тоҷикистон ислоҳот мехоҳад

Имрӯз ҳамагон хуб огаҳанд, ки соҳаи тандурустӣ олуда бо фасоди молист. Ин на хулосаи муаллифи ин сатрҳо, балки натиҷаи таҳқиқоти Агентии мубориза бо коррупсияи кишвар аст.



Соҳаи тандурустӣ муҳим, аммо беморон чӣ?

Як ҳамсуҳбатам, ки атрофи вазъи тандурустӣ бо ӯ баҳсу муколама доштам, гуфт, ки дорухонаҳои ба амсоли занбӯруғҳои баъд аз борон сар болокарда дар пойтахту шаҳру навоҳӣ худ дарак аз сатҳи сиҳатии мардум медиҳанд. Бале, аз тиҷорати сердаромади доруву дармон дар сартосари Тоҷикистон метавон хулоса кард, ки ҳар дувумин шаҳрванди кишвар дучори дарду бемориест. Хуб, ранҷу беморӣ ва табобату хизматрасониҳои табибон оё бо ҳам дар мувозинат қарор доранд? Рӯ меорем ба таҳлилу мушоҳидаҳоямон.

Воқеан ҳам, соҳаи тиб имрӯз дар кишвар соҳаи асосӣ маҳсуб мегардад, зеро миллати солим давлати пешрафтаву тавоност. Ҳукумати кишвар дар қатори роҳандозӣ намудани барномаҳову стратегияҳо чиҳати солим нигоҳ доштани миллат, ҳамчунин дар Буҷети давлатӣ низ ба ин соҳа авлавият гузоштааст. Ба рақамҳо таваҷҷуҳ кунед: Ҳаҷми маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар соли 2019 1740536 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст. Тибқи нишондоди оморӣ, дар муддати бисту ҳафт сол маблағгузории соҳаи тандурустӣ қариб 1600 баробар афзоиш ёфтааст. Ёдовар мешавем, ки соли 1992 маблағгузории соҳа 1 млн. сомониро ташкил мекард, имрӯз он ба 1 млрд. 750 млн. сомонӣ расидааст.

Хароҷот аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли ҷорӣ 278544 ҳазор сомонӣ муқаррар шудааст, ки аз ин ба беморхонаҳо - 148449 ҳазор сомонӣ, маркази саломатӣ - 5941 ҳазор сомонӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ - 39561 ҳазор сомонӣ ва ба дигар намудҳои фаъолият дар соҳаи тандурустӣ - 84593 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст.

Тавре маълум, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 сентябри соли 2018, маоши табибон низ дар қатори дигар аз маблағгузориҳои буҷетӣ 15 фоиз баланд бардошта шуд.

Tajikistantimes.com

Теъдоде аз табибони қасамшикаста чун дарк кунанд, ки “муштариаш” бепул аст, саракиву рӯякӣ ӯро аз муоина гузаронида, чанд доруеро барояш менависанду халос.

Чунончӣ, сартабибон то 1 сентябри соли 2018-ум 1120 сомонӣ маош мегирифтанд, ки баъдан музди меҳнати онҳо 1291 сомониро ташкил дод. Табиби ҷарроҳи категорияи олӣ қаблан агар 899 сомонӣ маош мегирифт, имрӯз он ба 1036 сомонӣ расонида шуд ва табиби категорияи олӣ, ки қаблан музди меҳнаташ 810 сомонӣ буд, имрӯз он баробар ба 933 сомонӣ аст. Дар муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ музди меҳнати сартабибон агар қаблан 1366 сомониро ташкил мекард, имрӯз он ба 1574 сомонӣ баробар аст. Маоши табиби ҷарроҳи категорияи олӣ, ки қаблан 1108 сомонӣ буд, имрӯз ба 1277 сомонӣ ва дастмузди табиби категорияи олӣ аз 998 сомонӣ ба 1150 сомонӣ расид.

Аммо аксари табибон чунин музди меҳнатро барои худ ночиз мешуморанд ва барои намуна нархи маҳсулоти бозорро мисол меоранд, ки он ҷиҳати бароварда сохтани эҳтиёҷоти онҳо басанда нест. Ба андешаи табибон, чунин омил дар бароварда сохтани муқаррароти сабади истеъмолӣ монеа эҷод мекунад. (Дар матлаби баъдӣ ҳатман атрофи сабади истеъмолӣ хоҳем гуфт).

Пул надорӣ, назди табиб марав?

Ин ҳама номувозинатиҳо муаммоеро эҷод кардааст, ки ҳалли онро касе то ба ҳол пайдо накардааст: Табиб аз бемор пул талаб мекунад, аммо бемори ранҷур имкону тавони пардохти пули табобатро надорад. Маҳз ҳамин омил аст, ки аксар, бахусус қишри камбизоати ҷомеа чун мубтало ба беморӣ шаванд, ба духтур муроҷиат намекунанд, тани ману тақдири Худо гуфта гӯшае менишинанд. Аксар аз мардум имрӯз аз хизматрасонии пулакии табибон изҳори нороҳатӣ карда, хулоса мебароранд, ки ба табиб муроҷиат кардан болои сӯхта намакоб аст. Мақоли халқӣ: “Аз милисаву аз болнитса алҳазар” маҳз аз чунин додугирифти ғайрирасмии бемору табиб рӯйи кор омадааст. Корафтодагон бештар нороҳат аз онанд, ки таваҷҷуҳи бархе аз табибонро бештар на дарду ранҷи корафтодагон, балки чайби онҳо ба худ ҷалб мекунад. Аммо наметавон дар маҷмӯъ санги тавҳину маломат бар сари кулли табибон зад. Не, табибони ҳозиқе низ моро дар каноранд, ки ҳамчун дармонофару дардошно бидуни ҳар гуна тамаъҷӯйӣ дар хизмати мардуманд. Дар навбати худ мардум низ чунин табибонро чун нонпора азиз медоранд...

Бале, дар мавриди ночиз будани музди меҳнати табибон метавон бо онҳо ҳамфикр буд. Ростӣ, ки бо 1,5 ҳазор сомонӣ пешбурди рӯзгор бахусус дар маркази пойтахт хеле нигаронкунанда аст. Ва маҳз ҳамин омил табибонро водор кардааст, то дар табобату амалиётҳои ҷарроҳӣ “ставка”-и махсуси худро роҳандозӣ кунанд. Мусаллам аст, ки мардуми камбизоат ҳатто қудрату тавоноии 10 сомонӣ пардохт кардани ҳаққулхизмати муоинаи табибонро ҳам дар ихтиёр надоранд.

Муҳтоҷу беморон водор мешаванд, ки барои табобати худ аз бонкҳо ва ё дӯстону ақрабояшон пул қарз гирифта, худ ва пайвандонашонро табобат кунанд. Чӣ ҷойи пинҳон кардан, ки теъдоде аз табибони қасамшикаста чун дарк кунанд, ки “муштариаш” бепул аст, саракиву рӯякӣ ӯро аз муоина гузаронида, чанд доруеро барояш менависанду халос. Як дӯстам, ки соҳибимтиёз аст, қисса кард, ки соле қабл дар дармонгоҳи маъруф ба “Якум Советский” бепул “анализ” супорид. Ӯро сад дарсад солим баровардаанд. Чанд рӯзе баъд пул додаву аз ташхис гузашт: гурдаҳояш сахт осеб дидаанд. Хонандаи бозаковат, худ аз ин амалкард хулоса барор!!!

Дорувор қимату пастсифат?

Ба замми ин, ҳама носолимиҳову ноҷуриҳо дар соҳаи тандурустӣ доруҳои пастсифате, ки аз дорухонаҳои табибон тавсиядодашуда харидорӣ мегарданд, ба вазъи саломатии беморон таъсире намегузоранд. Бале, сифат надоранд ва танҳо ба хотири гардиши тиҷорату фоидаоварӣ пешкаши мизоҷон гардонида мешаванд. Чаро доруҳое, ки мустақиман муҳоҷирони меҳнатӣ аз Россия ва дигар кишварҳо ворид месозанд, дар паст кардани шиддати дард мусоидат мекунанд, аммо доруву дармоне, ки аз дорухонаҳои кишвар харидорӣ мешаванд, камтаъсиранд?!

Инро масъулини Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар ва табибони дармонгоҳҳо хуб медонанд ва ҳатто Ҳадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтии кишвар низ пайваста тариқи телевизионҳо мардумро хушдор медиҳанд, ки аз истифодаи ҳар гуна доруворихои қалбакӣ худдорӣ кунанд. Аҷаб тавсеаи хандаоваре. О, бемору муҳтоҷ аз куҷо медонад, ки он доруи харидааш қалбакӣ аст ва ё асл?! Чизи дигар он аст, ки он доруворихои савдогаре дар даст аз берун ворид накардааст-ку? Хадамоти гумрук дар марз амал дорад. Пас, дар мувофиқату додугирифт чунин доруҳои қалбакӣ вориди кишвар мегарданд? Бале мусаллам аст, ки аз ин ҳисоб чандин нафарҳо кисаи худро варам мекунонанд...

Аксари коршиносон дар қиболи чунин доруҳои пастсифат гиёҳдармониро ягона роҳи раҳоӣ аз бунбаст маънидод мекунанд.

(Давомаш дар саҳ. 14)

Холи ТАБДОР

Аз тарс медамад ё аз хунукӣ?



Бештари вақт дар гирди лабонам табхол медамад. Мегӯянд, ки аз тарс мебарояд, вале дар ман нотарсида ин беморӣ хурӯҷ мекунад. Иллати ин беморӣ чист?

Нигина, н. А. Ҷомӣ

Ҳашт намуди табхол маъмул аст, ки намуди якуми он одист ва танҳо дар лаб, инчунин, дар луобпардаи рӯй, чашм, увзҳои таносул ва системаи марказии асаб мебарояд. Сабабҳои пайдо шудани он паст будани гигиенаи шахсӣ ва алоқаи наздик бо шахси бемор аст. Ин беморӣ обилаҳои хурду калон ва гуногуншакли сурх дошта, хориш мекунад. Сухане маъмул аст, ки гӯё аз тарс табхол мебарояд, лекин ин гуфта асоси илмӣ надорад. Як нуктаи муҳимро қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми тарсидан таноми рагу пайванд ва майнаи сари одам чанд сония ё дақиқа дар ҳолати садама қарор мегирад ва боиси ба вуҷуд омадани тамоми бемориҳо мегардад. Дар бисёр ҳолат табхол аз шамолкашӣ ва ба организм афтодани микроб ба вуҷуд меояд. Ба воситаи доруҳо ва истифода аз тибби қадим метавонед, ки табхолро муолиҷа намоед.



Арақи ПОЙ

чӣ беморӣ меорад?

Пойҳоям дар ҳавои гарм бисёр арақ мекунанду бӯйи бад мебароранд. Ин ҳолат маро нороҳат мекунад. Чӣ тавр аз бӯйи пой халос шавам?

Зиёд будани арақи пойро дар тиб зиёдобӣ (гипергидроз) мегӯянд. Сабабҳои гуногуни зиёд будани арақи пой дар фасли гармо гуногун мебошад. Пӯшидани пойафзоли синтетикӣ, ки ҳаворо намегузаронад ё пойро зер мекунад. Иҷро кардани корҳои ҷисмонӣ, гузариши синнусолӣ, риоя накардани гигиенаи шахсӣ, аз меъёр зиёд хориҷ кардани арақ аз ғадудҳои арақбарор (ирсӣ), ҳаяҷонӣ низ сабаби серарақии пой мегардад. Ҳамчунин, ин ҳолат аз бемории бадан низ гувоҳӣ медиҳад бемории диабети қанд, васешавии рангҳои хунгард, норасогии кори ҷигар ва гурдаҳо, вайроншавии кори ғадуди сипаршакл, кори асабҳо, бемориҳои сироятӣ ва саратонӣ, пӯст ва замбурӯғӣ буда метавонад.

Агар баъд аз муоина яке аз ин бемориҳо муайян карда шавад, муолиҷаи он бартарафкунандаи арақи зиёд мегардад.

Чӣ тавсия медиҳанд?

Муттахассисон барои кам кардани арақи пой пӯшидани ҷӯроб ва пойафзоли хубро вобаста ба фасли сол тавсия медиҳанд, зеро пой дар гармии зиёд соатҳои дароз наистад. Дар як рӯз ду маротиба пойро бо собун шуста, хушк кунед. Баъди анҷоми машқи бадан ё дигар корҳо пойафзол ва ҷӯробатонро иваз намоед. Берун ва даруни пойафзоли худро тоза нигоҳ доред.

Тибби халқӣ чӣ мегӯяд?

Дар пешгирӣ ва муолиҷаи қариб ҳамаи бемориҳо тибби халқиро дар саросари ҷаҳон васеъ истифода мебаранд. Аз ҷумла, дар кишвари мо, ки гулу гиёҳҳои кӯҳии худрӯй зиёд дорад ва он ба саломатии мо шифо мебахшад, бо тавсияи духтурон ва гиёҳшиносон истифода мебаранд. Дар бартараф кардани арақ ва бӯйи пой чанд тавсия дода шудааст:

Решаи булут (кора дуба)-ро ба хока табдил диҳеду ба пои хушк ва байни ашгуштон молед. Ин муолиҷаро метавонед субҳ ва агар имкониятатон бошад, рӯзона ҳам такрор кунед. Агар хоҳед, ки натиҷаи дилхоҳ диҳад, каме аз ин хока ҳангоми пӯшидани ҷӯроб андозед.

Бист дона барги ғор (лавровий лист)-ро дар се литр об сахт ҷӯшонеду даҳонашро пӯшида, 20 дақиқаи дигар онро нигоҳ доред. Дар як рӯз ду маротиба, субҳ ва шом дар буғ ё худи об поятонро гиред.

Санги ДАНДОН

тоза накардани он бемориро ба вуҷуд меорад?





Духтурони дандон тавсия медиҳанд, ки бояд санги дандонҳо дар як сол ду маротиба тоза карда шавад. Агар ин намуди муолиҷаро нагирем, ба саломатии мо зиён меорад?

Тоза кардани санги дандон, аз қабили роҳҳои пешгирии бемориҳои вобаста ба ковокии даҳону дандонҳо, аз ҷумла, илтиҳоби решаҳои дандон, ки дар натиҷа ба хунравӣ аз решаҳои он ба вуҷуд меояд. Дар ҳолате ки санги дандонҳо гирифта намешавад, ба дигар бемориҳо, аз қабили сироятёбии бофтаҳои мулоим ва сахти устухони дандонҳо (пародантит) ва дигар бемориҳои ҷиддӣ оварда мерасонад. Дар натиҷаи чунин бемориҳо резиши дандонҳо ба вуҷуд меояд. Аз ин хотир вақти худро дареғ надошта, ба духтур муроҷиат кунед. Тоза кардани санги дандонҳо бедард анҷом дода мешавад. Ба анҷом расонидани ин муолиҷа пешгирӣ аз бемориҳои зикргардида мебошад.

БЕ ПУЛ касалат СИҲАТ наёбад!

(Аввалаш дар саҳ. 13)

Ҳатто Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ба масъулини Вазорати нигаҳдории тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ дастур дода буданд, то механизми коркард ва пешниҳоди мардум гардонидани гиёҳдармониро рӯйи кор оваранд. Тавре маълум, кӯҳҳои Тоҷикистон саршор аз ҳар гуна гиёҳҳои шифобахшанд, аммо...

Сарвари давлат дар як дидору мулоқоти худ бо табибон аз он изҳори нигаронӣ карда буданд, ки теъдоде аз табибон аснои расонидани ёрии аввалия аз беморон пул талаб мекунанд, ки чунин рафтори онҳо муғойири қонунҳои ҷорист ва ҳатто пешниҳод карда буданд, то нисбат ба чунин табибони тамаъҷӯ парвандаи ҷиноятӣ боз кунанд. Бале, аксари вақт бо чунин беназмиҳои табибон дар мавриди расонидани аввалин ёрии тиббӣ дучор мегардем, аммо хомӯширо ихтиёр карда, ба қавле намехоҳем барои худ мушкилоту дарди сар эҷод кунем.

Роҳи ҳал куҷост?

Масъулини Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ талош доранд, то пардохти табобатро расмӣ гардонанд. Аммо кадоме аз табибон бар ивази пардохти табобат ба бемор баргаи пардохтро пешниҳод кардааст ва ё аз мошинаи хизматрасонии кассавӣ истифода бурдааст? Не, чунин кор ба нафъи табибон нест! Пул ба кисаи онҳо намеравад. Аз як чиз дар ҳайратам, ки маблағи пардохти расмии табобат сарфи чӣ мегардад? Сарфи табобати сифатноку беҳбуд бахшидан ба ин соҳа? Гапҳои хушку бемантиқ. Бемор агар дар беморхона бистарӣ гардад, ӯро водор месозанд, то аввалтар аз ҳама ба хазинаи шуъба 500 сомонӣ супорад, ки он танҳо пули ҳуҷра, бистар ва болишт асту бас! Рӯйхати доруҳоро табиб пешниҳоди бемор гардонида, гаштаву баргашта таъкид мекунад, ки аз фалон дорухона харидорӣ кунад, вагарна аз табобаташ сарпечӣ хоҳад кард. Ҳамшираи шафқат сӯзандору ба бадани бемор мегузаронад, бемор бошад, ба хотири "одаму одамгарӣ" дар анҷом дасти шафқатхоҳарро "сафед" мекунад. Ва ин чиз дар ҷомеаи мо ба ҳукми анъана даромадааст.

Лозим ба ёдоварист, ки шахсони соҳибимтиёз имкону тавони табобати ройгонро дар беморхонаҳои махсусгардонидашуда доранд, ки мутаассифона, на ҳама инро хуб медонанд.

Ҷиҳати ба низом даровардани соҳаи тандурустӣ коршиносон ҷоринамоии суғуртаи тиббиро роҳи ҳалли мушкилот маънидод мекунанд. Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ баъзе аз кишварҳои Осиёи Миёна ба ин хулоса омада буданд, ки дар шароити бади иқтисодиёт ва андози гарон, суғуртаи тиббӣ ягона сарчашмаи маблағгузории соҳаи тандурустӣ ба ҳисоб меравад. Қазоқистон ва Қирғизистон дар солҳои 1996-1997 суғуртаи ҳатмии тиббиро ҷорӣ карда буданд. Туркманистон дар соли 1996 ба суғуртакунонии ихтиёрӣ гузашта буд. Тавре маълум, Тоҷикистону Ӯзбекистон маблағгузории соҳаи мазкурро аз ҳисоби Буҷети давлатӣ то ба ҳол идома дода истодаанд.

Набояд фаромӯш кард, ки ҷиҳати ба низом даровардани соҳаи тандурустӣ, "Барномаи кафолати давлатии таъмини кумаки ройгони тиббию санитарӣ барои солҳои 2017-2019" ва Қарори Ҳукумати Тоҷикистон таҳти №600 – "Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ" ҷорист. Ҳарчанд мегӯянд, ки он дар амал татбиқ гардида истодааст, аммо ин гуфтаҳо ба воқеият наздик нестанд. Чаро? Бино ба андешаи мутахассисони соҳаи тандурустӣ, бинобар набудани маблағи кофӣ низоми тандурустии кишвар ба чунин кор омода нест ва рӯйи кор омадани он танҳо дар соли 2022 пешбинӣ шудааст. Ҳатто бинед, ки дар баъзе аз шаҳру навоҳии кишвар пардохти саривақтии музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ, бахусус табибон то чанд моҳ тӯл мекашад. Кормандони соҳаи молияву андоз сабаби инро дар коҳиш ёфтани сарчашмаҳои андозсупоранда маънидод мекунанд. Ва ин ҳама дар ҳолест, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ ба баъзе аз шаҳру навоҳӣ кумаки молиявӣ мерасонад. Бино ба маълумоти оморӣ, дар Тоҷикистон 18 ҳазор табиб ва 50 ҳазор корманди миёнаи тиббӣ фаъолият доранд, ки 65 фоизи буҷет ба маоши онҳо равона карда шудааст.

Хуллас, соҳаи тандурустии кишвар ба як ислоҳоти ҷиддие ниёз дорад, ки он ислоҳот дар заминаи фароҳам овардани сармояи кофӣ метавонад амалӣ гардад. Дар акси ҳол, он гоҳ табибон ҳар лаҳза беморонро ҳушдор хоҳанд дод: "Бе пул касалат дармон надорад".

М. МУҲАММАДЗОДА, коршинос



Гулӯфарёд

Иззатбеки Раштӣ

Ҳар саҳар бо хурӯсфарёде,
Дар паси дар гулӯ ҳамеафшонд.
То саҳархез шавам аз хурдӣ,
Падарам ҷони хеш мекоҳонд.

Дар дилаш изтироб меафтод,
Гар нахезам зи хоби худ барвақт.
Оташе рӯи об меафтод,
Гар нахонам китоби худ барвақт.

Ҳар гаҳе ки ба хоб мемондам,
Падарам сахт дар ғазаб мешуд.
-Бо нидоӣ: -«Бихез аз хобат»,
Рӯзи равшан ба чашм шаб мешуд.

То бихезам саҳаргаҳон аз хоб,
Нашавам дар ҳаёт саргардон.
Падарам рӯйи ҳавлӣ по мекӯфт,
Ҳар замон бо ҳамон гулӯафшон.

Файз -мегуфт: Дар саҳар борад,
Файзу нусрат саҳар ба каф ояд.
Ҳар кӣ дар хоби сахт мемонад,
Неъмати хони ӯ наяфзояд.

То намонам ба хоби марговар,
Ин ҳаво кай равад маро аз ёд.
Падарам сӯи ман зи дуриҳо,
Ҳар саҳар мекунад гулӯфарёд

Хоб аз чашмам гурехт

Боз имшаб хоб аз чашмам гурехт,
Чун кабӯтар рафт сӯи ҷангали анбӯҳ,
То биосояд даме аз дарду андӯҳ.
Боз имшаб хоб аз чашмам гурехт,
Аз камон монанди тир.
Чун аруҳсе аз канори марди пир.
Боз имшаб хоб аз чашмам гурехт,
Шаб ҳама шаб интизорӣ мекашам,
Ёри деринаи худро.
Ҷои ӯ дар хонаи чашм,
Нест ӯ бегонаи чашм.
Боз имшаб хоб аз чашмам гурехт.

Сангтасп

Дард то дар танат занад раҳгум,
Гуфтӣ: худро кунам ҳавогардон.
Рафта бар деҳ таҳи рег кунам,
Мавсими сангтаспи тобистон.

Сангҳое ба лаби об шикаст,
Кӯзаи умри ту ҳам модари ҷон.
Гиря печид дар гулӯи ман,
Ҳай дареғи сангтаспи умри инсон

Хоксорӣ рафт

(Ёде аз Абдуллоҳи Дӯст ё Хоксорӣ)

Баъди маргат хуб огаҳ гаштаам,
Хоксори хоксорон будаӣ.
Ҳеҷ кас озор аз дастат надид,
Покдил монанди тифлон будаӣ.

Дар хаёлам хомаву дафтар ба даст,
Ҳарзагӯён аз бари раҳ бигзарӣ.
Дар баҳорон ҷомаи ғафсат ба бар,
Бар нигоре бо ҳавасҳо бингарӣ.

Бо ҳама будӣ накӯгуфтор ту,
Бо ҳама буди ту ҳам ёру қарин.
Соати маргат бигуфтам худ ба худ,
Хоксорӣ рафт аз рӯи замин.

Модар

Эй модари ғамгусору дилсӯз,
Аз рӯи ту мешукуфт Наврӯз.
Бар хонаи ман наёмадӣ ту рӯзе,
Якумра равам ба хонаи ту як рӯз.

Хато

Насанҷида азизон зан гирифтам,
Чӣ захре буд ман бар тан гирифтам.
Ба алмоси забон мағзи сарам хӯрд,
Хато кардам, ба худ душман гирифтам.

Мавлудномаи Тоҷикистон

22 май

Мунирхон Муинзода (1909-1993), 110-солагии зодрӯзи журналист.

Умар Мухторов (1934), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Саидбой Шербоев (1944), 75-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

23 май

Тамара Ламзина (1924-1989), 95-солагии зодрӯзи Китобдори шоистаи Тоҷикистон.

Валерий Талвик (1939-1988),80-солагии зодрӯзи нависанда, кинодраматург.

Шодимурод Ҷумъаев (1939), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Ладо Шакидзе (1944), 75-солагии зодрӯзи меъмор, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

24 май

Акрам Амонов (1954), 65-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

Сайфулло Афғонов (1965), 50-солагии зодрӯзи олими соҳаи сиёсатшиносӣ.

Мирзо Саидов (1954), 65-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ.

Маҳмадалӣ Маҳмудназаров (1954), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Содирхон Форсихонов (1924-2006), 95-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

25 май

Суннатулло Бобохоҷаев (1929-2004), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

Олуболу Боқиев (1934-2000), 85-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Камол Ёқубӣ (1939), 80-солагии зодрӯзи файласуф.

Дадахон Музаффаров (1929-2003), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

Ортиқ Олимов (1959), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Ғуфрон Раҳимбоев (1949), 70-солагии зодрӯзи доирачӣ, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Сабоҳат Раҳимзода (1944), 75-солагии зодрӯзи муаррих.

Баҳодур Сабуров (1944-2005), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

Ҷамшеди Маҳмадназар (1954), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод. Рустам Ҷумъабоев (1959), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Бобохоҷаев Суннат (1924), 95-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геология.

26 май

Лев Калштейн (1924-1989), 95-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

Анвар Содиқов (1939), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Абдуфаттоҳ Шарифзода (1959), 60-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, узви вобастаи АИ Тоҷикистон.

27 май

Аслишо Мусофиршоев (1949-1999), 70-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

Марина Некрасова (1954), 65-солагии зодрӯзи шоираи русзабони Тоҷикистон.

Нусратулло Шарифов (1959), –60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

28 май

Бурхвалӣ Ғуломҳайдаров (1954), 65-солагии зодрӯзи актёри театру кино.

Шомил Мазитов (1914-1992), 105-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ.

Сафар Тағоев (1944-1994), 75-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Таҳияи Ё. СУЧОНӢ

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ зодрӯз доранд? Пешопеш моро огоҳ кунед. **ТЕЛ: 238-54-51**

38000 ДОЛЛАР

маблағгузории Кумитаи олимпӣ ба Олимпиадаи Токио-2020

16 май дар ҷаласаи навбатии Кумитаи иҷроияи Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон доир ба дастовардҳои варзишгарони тоҷик дар чор моҳи соли 2019 факту рақамҳои боэътимод ба иштирокчиён расонида шуд.



Аз ҷумла, котиби генералии Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон Абдуллозода Муҳаммадшо аз натиҷаи иштироки варзишгарони тоҷик дар аввалин Бозиҳои зимистонаи “Бачаҳои Осиё-2019” ва доир ба Бозиҳои 3-юми зимистонаи олимпии наврасон гузориш дод. Қайд гардид, ки Бозиҳои зимистонаи “Бачаҳои Осиё” 9-14 феврали соли 2019 дар шаҳри Сахалини Федератсияи Россия баргузор гардида, дар он дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар ҳайати 5 нафар, аз ҷумла 3 варзишгар – Аҳёзода Ҷаҳонгир, Маҳмудҷон Эшонов, Зикруллои Шамсулло дар намуди лижаронии кӯҳӣ иштирок карданд. Дар равияи слаломи лижаронии кӯҳӣ дар баробари 46 нафар иштирокчӣ Ҷаҳонгир Аҳёзода бо натиҷаи 1:38.75 ҷои 16-ум ва Маҳмудҷон Эшонов бо натиҷаи 2:01.08 ҷои 18-умро ишғол карданд. Дар равияи слаломи бузург бошад, миёни 49 иштирокчӣ Ҷаҳонгир Аҳёзода бо натиҷаи 1:54.82 ҷои 23 ва Зикруллои Шамсулло бо натиҷаи 1:59.42 ҷои 24-умро ишғол намуданд, ки барои варзишгарони мо натиҷаи хуб аст. Таъкид шуд, ки иштирок дар бозиҳо марҳилаи омодагии варзишгарон ба Бозиҳои 3-юми зимистонаи олимпии наврасон-2020 ва Бозиҳои зимистонаи олимпӣ-2022 маҳсуб меёбад.

Дар идома Кумитаи иҷроия рӯйхати 13 варзишгарро аз рӯи 7 намуди варзиш ҷиҳати бархӯрдор шудан аз Барномаи қитъавии дастгирии молиявии варзишгарон тасдиқ намуд. Дар асоси барномаи мазкур варзишгарон барои иштирок дар мусобиқаҳои интихобӣ ҷиҳати ба даст овардани роҳҳат ба Бозиҳои олимпии Токио-2020 аз ҷониби Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии 38000 доллар маблағгузорӣ хоҳанд шуд.

Умуман, ибтидои соли 2019 барои соҳаи варзиши мамлакат бобарор буд. Аз ҷумла, зимни ҷаласаи Ассамблеяи генералии Шӯрои олимпии Осиё моҳи марти соли равон дар шаҳри Бангкоки Тайланд президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ узви Кумитаи иҷроияи Шӯро, ноибони президенти Кумитаи миллии олимпӣ Шамсулло Соҳибов ва Абдуллозода Аҳтам узви кумитаҳои молия, сулҳ бо роҳи варзиш, котиби генералии Кумита Абдуллозода Муҳаммадшо узви Кумитаи варзиш ва муҳити зист ва директори генералии Кумита Латипов Эркин узви Кумитаи фарҳанги Шӯрои олимпии Осиё интихоб гардиданд.

Варзишгарони мо аз рӯи намудҳои олимпии варзиш аз 1 январ то 15 майи соли равон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ сазовори 59 медал, аз ҷумла 18 тилло, 15 нукра, 26 биринчӣ гардидаанд, ки муҳимтарини онҳо медалҳои тиллои Дилшод Назаров (варзиши сабук), Баҳодур Усмонов (бокс), медалҳои нуқраи Темур Раҳимов, Комроншоҳ Устопириён (дзюдо) дар чемпионатҳои Осиё, медали биринҷии Бехрӯз Хоҷазода (дзюдо) дар Гранд Слами Екатеринбург, медалҳои биринҷии Темур Раҳимов, Комроншоҳ Устопириён (дзюдо) дар Гран Прии Марокаш ва Гран Прии Анталия ба шумор мераванд.

ВОЛЕЙБОЛ

Тоҷикистонро тасхир мекунад

Чемпионати Тоҷикистон оид ба волейбол миёни писарон ва бонувон, ки аз 23 апрел то 2 май дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, бо пирӯзии дастаҳои ВМКБ ва Душанбе-1 ба анҷом расид.



Тавре аз Федератсияи волейболи мамлакат хабар доданд, дар чемпионати имсола миёни писарон 8 даста ва миёни бонувон 6 даста ширкат вазирданд. Волейболбозони Бадахшон миёни писарон маҳорати хуб нишон дода, ғолиби чемпионат гардиданд. Онҳо дар бозии ниҳоӣ бар дастаи Душанбе-2 пирӯз шуданд. Ҷои сеюмро дастаи вилояти Суғд ба даст овард.

Миёни бонувон бошад, дастаи Душанбе-1 ғалаба кард. Волейболбоздухтарони пойтахт дар бозии финалӣ бар дастаи ВМКБ дастбӯло шуданд. Миёни бонувон низ дастаи Суғд ҷои сеюмро ишғол намуд.

Ба роҳмонии мусобиқаҳои чашнӣ оид ба волейбол дар пойтахт аз ҷониби шаҳрдорӣ, ки соли сеюм боз бахри ба дастории «Ҷоми Раиси шаҳри Душанбе» миёни бонувон баргузор карда мешавад, воқеан ба оммавияти варзиши волейбол, бахусус миёни духтарон мусоидат мекунад.

Дар волейболи кишвар аксаран писарону духтарони Бадахшон пештоз мебошанд, ки аз наврасӣ ба он шуғл меварзанд. Солҳои сол аст, ки заминаи дастаи мунтахаби Тоҷикистон, дастаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов ва корхонаву муассисаҳои таълимиро маҳз зодагони Бадахшон ташкил медиҳанд. Акнун мушоҳида мешавад, ки сокинони дигар шаҳру навоҳии кишвар ва қабл аз ҳама –шаҳри Душанбе торафт бештар бозии волейболро интихоб мекунанд.

Э. НАЗАРОВ

Марги "Шоҳи нуқрагӣ»



Варзишгари мексикой Сезар Гонсалес ҳангоми рақобат дар як ринги шаҳри Лондон вафот кард.

Навори марги ӯро интернет паҳн намудааст. Аз навор дида мешавад, ки варзишкори номӣ, ки дар намуди театрикунонидашудаи варзиш – рестлинг бо лақаби "Шоҳи нуқрагӣ" маъруф буд, аз рақибаш мағлуб шуда, ӯро марги муфоҷо дар рӯи ринг пайдо намуд. Довар ва рақиби Гонсалес сараввал аз ҳолати ӯ пай набурданд. Эҳтимол меравад, ки сабаби марги варзишкор, сактаи дил бошад. Варзишгареро, ки дар реслинг иштирок мекунад, «рестлер» ном мебаранд.

Гонсалес аз рӯи нақши рестлер дар филми ҳачвии "Начо Либре" (2006) миёни мардум маъруф аст. Дар ин филм ӯ ҳамроҳи ҳунарманди Голливуд Ҷек Блэб нақш офаридааст.

Ҷоми Федератсияи теннисро низ хориҷа бурданд

18 май мусобиқаи байналмилалии теннис миёни наврасон барои дарёфти Ҷоми Федератсияи тенниси Тоҷикистон бо пирӯзии варзишгарони Ӯзбекистон ба анҷом расид.

Тавре аз Федератсияи тенниси кишвар хабар доданд, миёни писарон дар финал Азиз Дадабоев аз Ӯзбекистон бар ҳамватанаш Максим Шин ғалаба кард. Миёни духтарон низ Ситора Нормуродоваи узбекистонӣ пирӯз шуд. Ӯ дар финал варзишгари Русия Ксения Огурееваро шикаст дод.

Мусобиқаи байналмилалӣ оид ба теннис миёни ҷавонон барои дарёфти Ҷоми Федератсияи тенниси Тоҷикистон 11 май оғоз гардида буд. Дар мусобиқа 98 варзишгар аз 16 давлат иштирок карданд.

Ёдовар мешавем, ки қабл аз ин мусобиқа 5-10 май Мусобиқаи байналмилалӣ оид ба теннис миёни наврасон (U-18) - “Tajikistan Open” баргузор шуд, ки варзишгарони Лаҳистон ва Ӯзбекистон ғолиб гардида буданд. Дар бозии ниҳоӣ миёни писарон Ян Вандемайер аз Лаҳистон бар Азиз Додобоев аз Ӯзбекистон ва миёни духтарон Ситора Нурмуродова аз Ӯзбекистон бар ҳамватанаш Севил Юлдошева ғалаба карданд.

ЧЕҲРАИ ҲАФТА »

МАССИМИЛИАНО АЛЛЕГРӢ

Ин мутахассис, ки дар дастаи итолиёвии «Ювентус» ба ҳайси сармураббӣ кору фаъолият мекард, охири ҳафтаи гузашта аз вазифааш канор рафт.



Бо вуҷуди он ки дастаи «Ювентус» дар серияи А-и Италия зинаи аввалро соҳиб шуд ва чемпиони футболи ин кишвар гардид, Массимилиано Аллегрӣ аз мансаби сармураббии ин клуб барканор шуд. Гуфта мешавад, ки ноиби президенти клуб Павел Недвед боиси аз вазифа рафтани Массимилиано Аллегрӣ шудааст, - хабар медиҳад Corriere della Sera.

Павел Недвед, мутахассиси чех, бо ҳамдастии директори варзишии клуб Фабио Паратичӣ пофишорӣ кардаанд, ки Аллегрӣ аз вазифааш бояд равад. Недвед дар ин ҳол ултиматум гузоштааст, ки агар Аллегрӣ дар клуб монад, ӯ (яъне, Недвед) клубро тарк мекунад. Саранҷом соҳиби клуб ба хулосае омад, ки сармураббии дастаро дастгирӣ накунад.

Гуфта мешавад, ки Недвед ва Аллегрӣ дар сари сиёсати трансферии даста ҳамфикр набудаанд. Сармураббӣ андеша доштааст, ки бояд ба даста бозигарони нав даъват шаванд, аммо Недвед гуфтааст, ки пайдо кардани бозигарони беҳтаре аз ҳозираҳо душвор аст.

Бино ба маълумоти журналистони итолиёвӣ Аллегрӣ мехостааст, ки бо бозигароне чун Манчукич, Дуглас Коста, Пауло Дибала, Жуан Канселу ва Алекс Сандро хайрухуш кунад.

«Ювентус» дар ин мавсим ғолиби Суперҷом ва чемпионати Италия шуд, аммо дар чорякфинали Лигаи чемпионҳои Аврупо аз дастаи «Аякс»-и Ҳоланд шикаст хӯрд. Ҳамчунин, ба таври ҳангомавӣ дар чорякфинали Ҷоми Италия аз дастаи «Атланта» бо натиҷаи 0:3 мағлуб гардид.

Дар хабар аст, ки Аллегриро дар «Ювентус» сармураббии ҳозираи дастаи «Латсио» Симоне Индзагӣ иваз хоҳад кард.

ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН »

ҲАМАИ ДАСТАҲОИ ИШТИРОКЧИИ ЧҶ-2019-U-17 МАЪЛУМ ШУДАНД

Ҳамаи иштирокчиёни Чемпионати ҷаҳонии футбол миёни наврасон (U-17), ки тирамоҳи имсол дар кишвари Бразилия доир мегардад, муайян шуданд.

Дар баробари дастаи мунтахаби Тоҷикистон, ки соли 2018 дар Чемпионати Осиё дар Малайзия соҳиби роҳхати Чемпионати ҷаҳон гардида буд, 23 дастаи дигар ҳаққи иштирок дар Чемпионати ҷаҳонро ба даст оварданд. Дар қатори Тоҷикистон наврасони Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Австралия (аз Осиё), Камерун, Нигерия, Ангола, Гвинея (Африқо), Канада, ИМА, Мексика, Ҳаитӣ (Амрикои Марказӣ ва Шимолӣ ва кишварҳои соҳили баҳри Кариб), Бразилия, Аргентина, Чили, Эквадор, Парагвай (Амрикои Ҷанубӣ), Зеландияи Нав, Ҷазираҳои Соломон (Уқёнус), Фаронса, Нидерландия, Италия, Испания, Маҷористон (Аврупо) дар ЧҶ-2019 ширкат мекунанд.

Қуръакашии чемпионат 22 июн дар Рио-де-Жанейро баргузор мегардад. 24 даста ба 6 гурӯҳи 4-дастаӣ тақсим мешаванд. Ду дастаи беҳтарин аз ҳар гурӯҳ ва 4 дастаи ҷойи сеюми гурӯҳҳо, ки натиҷаи беҳтар нишон медиҳанд, ба даври ҳаштякфинал роҳхат мегиранд.

Дастаи мунтахаби ҷавонони то 17-солаи Тоҷикистон маротибаи дуюм аст, ки дар Чемпионати ҷаҳон иштирок мекунад. Соли 2007 дар Чемпионати ҷаҳон дар Кореяи Ҷанубӣ дастаи мунтахаби кишвари мо то ҳаштякфинал баромада буд.

Наврасони Тоҷикистон ягона дастаи намояндаи кишварҳои пасошӯравӣ дар ин мусобиқаи бонуфуз ҳастанд.



ҶУДО: »



АНҶОМИ МАРҲИЛАИ ЯКУМИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН

Дар Тоҷикистон марҳилаи аввали Чемпионати футбол миёни дастаҳои Лигаи олӣ ба анҷом расид. Дастаи "Истиқлол"-и Душанбе бо 19 хол аз 7 бозӣ пешсафи чемпионат мебошад.

Дар бозии марказии даври ҳафтум "Истиқлол" дар меҳмонӣ бар дастаи "Хуҷанд" бо ҳисоби 3:0 ғалаба кард. Голҳоро Эҳсони Панҷшанбе ва Ахтам Назаров заданд. Як тӯби дигарро хуҷандиҳо ба дарвозаи худашон ворид карданд – автогол ба номи Асилҷон Бегимқулов сабт гардид.

Дар бозии дигар тими "Хатлон" бар дастаи "Панҷшер" бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуд. Голҳои тими ғолибро Ҳусейн Нурматов ва Нуриддин Ҳамроқулов ба ҳадаф расонданд.

Ҳамин тариқ, марҳилаи аввали Чемпионати Тоҷикистон бо пирӯзии "Истиқлол" (19 хол) ба анҷом расид. Бо фарқияти 8 хол дастаҳои "Кӯктош", "Регар-ТадАЗ" ва "Хуҷанд" дар ҷойҳои 2 то 4 мавқеъ доранд.

Марҳилаи дуюм ҳафтаи оянда шурӯъ мегардад. "Истиқлол" ва "Хуҷанд" боз вомехӯранд. Бозии ин дастаҳо 26 май дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе барпо мешавад. Дар ин рӯз, ҳамчунин "Регар-ТадАЗ" КМВА "Помир"-ро қабул мекунад. Як рӯз қабл – 25 май – "Панҷшер" бо "Хатлон", "Кӯктош" бо "Истаравшан" вомехӯранд.

ЧИДААХБОРИ ВАРЗИШӢ

19-уми май дар ҷумҳурӣ Рӯзии миллии дави милл , ки соли 13-ум аст ба роҳ монда мешавад, бо иштироки ҳазорҳо нафар баргузор гардид.

Дар шаҳри Душанбе соли дуюм аст, ки дар баробари дав марафони дучархаронӣ баргузор мешавад, ки имсол дар он ҳудуди 50 000 нафар ширкат карданд. Ба иттилои Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш имсол дар ҷумҳурӣ шумораи иштирокичиёни Рӯзи миллии дав ба 438839 нафар расидааст, ки 121 029 нафарашонро бонувон ташкил медиҳанд.

***

Имсол 10 даста - «Зебонисо» (Душанбе), «Хатлон» (Бохтар), «Регар-ТадАЗ» (Турсунзода), «Барқ» (Норак), «Ситора» (Фархор), «Зебо» (Дӯстӣ), «Чашма» (Шаҳритус), «Равшан» (Кӯлоб), «Бешкент» (Носири Хусрав) ва «Конибодом» (Конибодом) дар Лигаи футболи бонувони Тоҷикистон ширкат мекунанд.

Чемпионат дар ду марҳила сурат мегирад ва ҳар даста ду бозӣ анҷом медиҳад. Даври аввал 9 июн «Хатлон» бо «Конибодом», «Регар-ТадАЗ» бо «Бешкент», «Барқ» бо «Равшан», «Зебонисо» бо «Чашма», «Ситора» бо «Зебо» вомехӯранд.

***

Пойгарони машҳури «Формула-1» утришӣ Ники Лауда дар 70-солагӣ дунёро падруд гуфт. Ӯ дар 13 мавсими «Формула-1» ширкат карда, 25 маротиба пирӯз шудааст.

Унвони чемпиони ҷаҳонро се маротиба – солҳои 1975, 1977 ва 1984 ба даст овардааст. Соли 1976 ӯ ба садама дучор шуд ва ба ҳолати беҳушӣ афтод. Пизишкон умеди зинда мондани ӯро надоштанд, аммо ӯ на танҳо зинда монд, балки дар ҳамон мавсим унвони чемпиониро соҳиб шуд. Лауда аз дақиққортарин пойгаронҳо аст, ки баъзе рӯзноманигорон ӯро бо компютер баробар кардаанд.

20 май - рӯзи мавлуди устод Лоиқ

ОРТИҚ-ЛОИҚ

Ёде аз шоири рафта бар ҷовидон



(Аввалаш дар шумораи гузашта)

...Вақте ки Бозор Собир бори аввал аз ғурбат, аз Амрико ба Тоҷикистон омада буд, ман китоби “Фарёди бефарёдрас”-ро ба ӯ дастрас намудам ва рӯзи дигар ӯро хеле ошуфтаву андешаманд дарёфтам, ки аз баъзе афкори ғалати худ нисбат ба шахси устод Лоиқ изҳори пушаймонӣ мекарду мегуфт: “Дар миёни оташи ҷаҳлу разолат нотарсида ин қадар ҳарфи сахту ҳақ гуфтан кори ҳар кас нест. Ман назди рӯҳи азизи Лоиқ шеъре қарздорам...”.

Ҳамин тавр он шабу рӯзҳо бисёр шеърҳои китоби “Фарёди бефарёдрас” ба мисли “Ба камондорон”, “Ману ту”, “Ҷон ба қурбони ту, эй меҳани хунинкафанам”, “Ҷабри торих ягон қавм надидааст, ки мо” ва ғайра гӯё фарёди дили ману ҳамфикронам буданд, ки аз саҳнаҳо садо медоданд .

Хусусан қироати ғазали “Ҷон ба қурбони ту, эй меҳани хунинкафанам”-ро дар ҳар маҳфилу мавриди муносиб устод Муҳаммадҷон Шакурӣ ва ҳамсарашон Дилафрӯз Икромӣ хоҳиш менамуданд ва ҳар ду онро бо эҳсосу чашмони ашкбор гӯш мекарданд.

Ин ғазалро устод Лоиқ ба поси хотиру бузургдошти академик Муҳаммадҷон Шакурӣ бахшидааст, ки бори нахуст дар ҳошияи китоби “Хуросон аст ин ҷо”-и устод Шакурӣ чоп шуда буд. Пешгуфтори китобро, ки бо қалами устод Лоиқ тааллуқ дорад, ман натавонистам онро бе оби чашм мутолиа намоям...

Бо ҳама қудрати суханвариву обрӯву эътибори хеш устод Лоиқ бисёр инсони хоксору заминӣ буд. Ширкату суханронии ӯ дар ҷашни хонаободии бародарони ман дар деҳа, чанд бор меҳмони хонадони мо шуданаш худ гувоҳи хоксориву фурӯтанӣ ва одамияти баланди устод мебошад...

Банда, ки ранҷу озори айёми пурдаҳшати ҷанги шаҳрвандиро дида будам, бо эҳсоси шодиву хушӣ ва бо даъвату исрори шодравон Зокирҷон Вазиров дар зодрӯзи саруари мухолифин Саид Абдуллоҳи Нурӣ дар меҳмонхонаи “Вахш” ширкат ва шеърхонӣ кардам. Он ҷо сухан танҳо аз сулҳу оромӣ, ваҳдату ягонагӣ ва гиромидошти муқаддасоту арзишҳои миллӣ буд. Муҳтавои он маҳфил ҳамон шеъри машҳури устод Лоиқ буд.

...Ҷанги девонавори мо бигзашт,
Сулҳи деринтизори мо омад...

Баъдан бо иғвову дасисаҳои зумрае аз каҷдилону тангназарон номи банда аз рӯйхати иштирокдорони рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар чанд кишварҳои дӯсту ҳамсоя ва дигар чорабиниҳои фарҳангиву ҷашнвораҳо хат зада шуд. Вақте ки устод Лоиқ аз ин қазия огоҳ гардид, ба назди яке аз роҳбарони воломақом даромада, баҳри дифои номи ман аз ғалатфаҳмиҳо ва ғаразу кини ҳасудону нотавонбинон садо баланд кард. Академик Раҳим Масов, ки дар он вохӯрӣ бо устод Лоиқ ҳамроҳ буд, дар хусуси он дидору натиҷаи дилхоҳи он ба ман хабар дод. Ӯ гуфт: “Лоиқ дар дифои ту чунон суханоне гуфт, ки ту бояд ифтихор кунию ба он сазовор бошӣ”.

Тибқи гуфтаҳои шодравон Раҳим Масов, устод Лоиқ дар ҳузури он роҳбари фарҳангдӯсту адабпарвар дар хусуси ман ғалат будани дасисаи суханчинонро исбот намуда, ҳарфҳое ба ин маънӣ гуфтааст: “Барои ин ҳунарпеша (яъне ман- О. Қодиров) мафҳуми худиву мухолиф, (“вовчику юрчик”), маҳаллу маҳалбозӣ, риёву дурӯғгӯӣ бегона аст. Барои ӯ беш аз ҳама миллат ва якпорчагиву ваҳдати миллӣ, шарафу худшиносӣ ва ифтихори он буд, ки банда дар ин сафар бо шоири шаҳири тоҷик, устод Лоиқ, шоирони маъруф Гулназар, Камол Насрулло, Низом Қосим, Раҳмат Назрӣ, Меҳринисову Баҳринисо ва чанде аз олимону рӯзноманигорони шинохта ҳамсафар будам.

Дар меҳмонхонаи “Истиқлол”-и шаҳри Теҳрон маскун шудем ва бегоҳ барои хӯроки шом ба ошхонаи он фаромадем. Азбаски устод Лоиқ бори дуюм ба Эрон омада буд ва аз одобу таъомули меҳмонсаро ва ошхонаи он огаҳии бештаре дошт, мо барои истифодаи зарфу интихоби ғизоҳо аз ӯ пайравӣ намудем. Устод аз миёни маҷмаи зарфҳои хурду бузург табақи калонтаринеро интихоб намуда, шурӯъ аз биринҷ (палови эронӣ), кабоби кӯбида, чӯҷакабоб, хӯришҳои гуногуну дигар анвои ғизоиро рӯйи ҳам дар он табақ ҷой дод. Навбат ба интихоби ширинӣ (дессерт) расида буд, ки устод нозукии ҳолатро дарк намуда, онро дар табақчаи хурде гирифт. Ин ҳангом яке аз ходимони ошхона ба мо мурочиат карда гуфт, ки “-Шумо моли кучоед?”. Устод Лоиқ бо ҳамон ҳозирҷавобии хоси худ посух дод, ки “-Ман аҳли Тоҷикистонам” ва ба мо ишора карда илова намуд: “ Эшон моли Тоҷикистонанд”. Шояд устод Лоиқ ин ҳазли худро ҷои дигар ва дар мавриди дигаре ба ин монанд низ гуфта бошад, вале он бегоҳ ман, Низом Қосим, Раҳмат Назрӣ, Камол Насрулло ва Сӯҳроби Зиё, ки аз паси устод истода, барои ғизои шом интихоби ӯро пайгирӣ мекардем, шоҳиди он зарофати намакину машҳури ӯ гардидем. Дар сари миз ман шӯхии устодро идома дода гуфтам, ки ҳоло меъдаҳои мо ҳайрон мемонанд, ки ин чӣ ғизоҳое бошанд, ки қаблан ин ҷо фурӯ наафтода буданд. Устод бо ҳазл гуфт, ки “-Бале, ҳоло меъдаҳои мо ба арвоҳи Имом дуои раҳмат хоҳанд фиристод”...

Субҳи рӯзи дигар донишманди маъруфи Эрон Фаридуни Ҷунайдӣ бо як пойи гаҷбаста лангон-лангон ба дидорбинии устод омад. Бо дидани дӯсти худ устод Лоиқ аз ҳамсафарӣ бо гурӯҳ худдорӣ карда гуфт: “-Он ҷойҳое, ки шуморо мебаранд, ман се сол пеш он ҷойҳоро ҳамроҳи Раҳмон Набиев дидаам. Ман аслан ин ҷо барои хобу фароғати эҷодӣ омадаам”, бо ҳазл идома дод устод. Танҳо рӯзе, ки дар барномаи сафари мо дидани “Шаҳраки синамогарон”-и Теҳрон буд, устод моро ҳамроҳӣ кард. Воқеан, мо он “шаҳрак”-ро чун шаҳре дарёфтем, ки гувоҳи азамату неруи эҷодии синамои Эрон буд ва устод чун ҳамаи аҳли ҳайат аз тамошои он хеле мутаассир гашт...

Баъди сафари Шероз, дидани “Тахти Ҷамшед”, зиёрати оромгоҳи бузургони шеъру адаб Шайх Саъдиву Ҳофизи лисонулғайб ва Ҳоҷуи Кирмонӣ масти таассурот ба Теҳрон баргаштем. Рӯзи дигар чун озими Душанбе шудем, устод Лоиқ иброз дошт, ки ӯ дар Теҳрон чанд муддати дигар хоҳад монд, то баъзе нияту мақсадҳои эҷодии хешро анҷом диҳад. Ӯ ду ҷомадони бузургу сангини пур аз китобро ба ман бовар карда, хоҳиш намуд, ки онро ба хонаашон бурда, шахсан ба дасти “Қозикалон” супорам. Устод ҳамсари худро “Қозикалон” унвон карда, янга бошад, устодро “Мири шаб” меномид. Он ду кифи калону сангин иборат аз саду чанд ҷилд китобҳои “Луғатномаи Деҳхудо” ва “ Фарҳанги Муъин” буданд, ки устод ба подоши китоби чопшудаи худ дар нашрияҳои Эрон дарёфт карда буд. Шаб хеле дер ба фурудгоҳи Душанбе расида бошем ҳам, бо кумаки Сӯҳроби Зиёву дӯстонаш армуғони хеле гарону вазнини “Мири шаб”-ро ба “Қозикалон” расонидем. Ин нукта воқеан ҳам қобили зикру мӯъҷиби ифтихор аст, ки устод Лоиқ дастрас намудани он ганҷи бебаҳоро ба ман бовар карда буд, ҳарчанд дар ҳайати мо шогирдону пайравонаш кам набуданд...

Ҳамин тавр, чанд бор ифтихори онро ҳам доштам, ки ҳамроҳи дӯстон, хусусан ҳамроҳи Акбари Саттор, ки бо устод ҳамсоя буд, худи “Мири шаб”-ро дар дили шабҳо ба дасти “Қозикалон” супорида будем. Янга ба дер омаданҳои “Мири шаб”-и худ одат карда буд ва то бозгашти устод раҳпоӣ менамуд. Бо шарофати устод борҳо аз палавҳои лазизи “Қозикалон”, чӣ дар хонаашон ва чӣ дар боғчаашон, ки дар он маҳал бо номи “Боғчаи Лоиқ” маъруф аст, бархӯрдор гашта будам...

Зуҳури Лоиқ баъди ҳазор сол марги Одамушшуаро Рӯдакии бузургвор фазлу ҳикмати Худованд, атои Илоҳӣ ба ин миллати сухансозу суханпарвар аст. Номи Лоиқ, осори ҷовидонаи он ҳазорон сол чун розу ниёз ва баёнгари дарду армонҳои ин миллат вирди забонҳо хоҳад буд.

Ин гуфтаҳои ӯ ҳамеша дар гӯши дилҳои огоҳ садо медиҳанд:

Ман баъди ҳама завол меоям боз,
Чун мурғи ҳуҷастафол меоям боз.
Гар баъди ҳазор сол ёдам бикунед,
Аз баъди ҳазор сол меоям боз.

Ортиқ ҚОДИР,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

САДАМАҲОИ НАҚЛИЁТӢ

СҶТ барои коҳиши он чӣ тавсия медиҳад?


Мизони марги одамон дар Тоҷикистон дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ нисбат ба нишондодҳои кишварҳои Аврупо ду баробар бештар аст.




Созмони ҷаҳонии тандурустӣ гузориш медиҳад, ки ҳамасола дар Тоҷикистон аз ҷумлаи 100 ҳазор аҳолӣ 18 нафар бар асари садама ҳалок мешаванд.

Ин нукта 7-уми майи соли равон зимни як ҳамоиш дар мавзӯи "Бехатарии роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он", ки дар Маҷмааи "Душанбе-Плаза" бо ташаббуси Созмони ҷаҳонии тандурустӣ доир гардид, зикр ёфт. Дар ҳамоиш Ҷамшед Муртазозода, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Миралӣ Камолзода, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Сатиш Мишра, сардори намояндагони Созмони ҷаҳонии тандурустӣ дар ҶТ, Низом Салимов, намояндаи Бозрасии давлатии автомобилии ВКД ва намояндагони ВАО иштирок доштанд. Мақсад аз баргузор намудани мизи гирд он буд, ки солҳои охир дар манотиқи гуногуни Тоҷикистон аҳолӣ бештар ба садамаҳои нақлиётӣ дучор мешаванд. Тибқи гузориши Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, ҳамасола дар Тоҷикистон аз ҷумлаи 100 ҳазор аҳолӣ 18 нафар бар асари садама ҳалок мешаванд. Айни ҳол дар кӯчаву роҳҳои ҷумҳурӣ шумораи нақлиёти автомобилӣ зиёд ба назар мерасад. Ҳоло дар кишвар теъдоди нақлиёти автомобилӣ қариб ба 450 000 адад мерасад. Тӯли чанд соли охир дар Тоҷикистон ҳар сол садҳо нафар аз садамаҳои нақлиётӣ ҷон медиҳанд ва ҳазорон нафари дигар захмӣ ва маъюб мегарданд. Чӣ бояд кард, ки чунин ҳолатҳо камтар шаванд? Дар ин бора Созмони ҷаҳонии тандурустӣ аз тамоми ҳукуматҳои кишварҳои ҷаҳон даъват менамояд, ки барои пешгирӣ аз талафоти зиёди ҷонӣ дар роҳҳои автомобилгард аз омилҳое чун суръати хеле баланд, идораи воситаҳои нақлиёт дар ҳолати сархушӣ пешгирӣ шуда, аз камарбанди амниятӣ истифода гардад, роҳҳои зеризаминӣ барои пиёдагардҳо бунёд гардида, кумаки аввалияи тиббӣ ба осебдидагон расонида шавад. Дар ин ҳамоиш қайд гардид, ки 93% худуди Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, садамаҳои нақлиётие, ки дар шоҳроҳҳои кишвар ба вуқӯъ меоянд, ин омил ҳам сабаб шуда метавонад. Ҷамшед Муртазозода, вакили парлумон гуфт: "Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки садамаҳои нақлиётӣ бисёртар аз ҷониби ронандагон ба назар мерасад. Аз сабаби идора нагардидани суръат ва риоя нагирдидани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз ҷониби ронандагон, садамаҳои нақлиёти зиёд шуда, чандин нафар ҷароҳати вазнин бардошта, ба ҳалокат расидаанд. Чунин суръати тез ва ё баҳамхӯрии мошинҳо дар шоҳроҳҳои кишвар бисёртар дар роҳҳои шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Хуҷанд, Рӯдакӣ, Варзоб, Ваҳдат, Файзобод, Ҳисор, Турсунзода, Шаҳристон, Деваштич, Шамсиддини Шоҳин, Мастчоҳ, Спитамен, Истаравшан, Бобоҷон Ғаафуров, Кӯлоб, Данғара, Норак, Фархор, Восеъ Хуросон, Ҷайҳун ва Ёвон тайи чанд соли охир зиёд ба назар мерасад. Дар ин мавзеъҳо миқдори умумии осебҳо дар як сол – аз 138,2 ҳазор то 180 ҳазор мерасад. Ин хеле нигаронкунанда мебошад". Дар ҳамоиш гуфта шуд, ки суръати баланд ва идора карда натавонистани мошин дар роҳҳои пиёдагард яке аз омилҳои зиёди фавти шахрвандон мебошад. Дар натичаи суръати тез 60% одамон ба ҳалокат расида, баъзеи онҳо ҷароҳати сахт мебардоранд ва маъюб мешаванд. Бо эҳтимолияти зиёд дар натичаи садамаҳои нақлиётӣ фавт бисёртар миёни ҷавонон зиёд дида мешавад, ки тақрибан аз се чор (73%) ҳиссаи ба садама дучоршудагонро ташкил медиҳанд.

Ширин ТОҲИРӢ





БОЗОРИ МАНЗИЛ МЕФУРӮШАМ

► **ҲАВЛӢ**

► Хона дорои 4 ҳуҷра, 4 сотих замин, суроға: Гулбутта, КДС-11/1. Тел: 987-729-802.

ХИЗМАТРАСОНӢ

► Таъмири косметикӣ. Панҷараҳои оҳанин, навесҳо, пешайвон, дарҳо ва дигар ашёҳои металисохт бо тирезаҳои пластикӣ. Азнавсозии панҷараҳои куҳна. Тел: 934-30-65-16, 909-11-55-16, 91-903-32-77

► Насби антеннаи параболӣ. Тел: 918-76-74-08, Андрей.

► Кондитсионер. Насб кардан, заправкаи фреон. Тел: 918-76-74-08, Андрей.

► Сантехник, иваз кардани қубурҳо, паспондани кафел, насби термексҳо ва ғайраҳо. Тел: 917-66-04-11.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи хариду фурӯши феҳристи таҳти №8Д-1514-и гумшуда, ки онро Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Фрунзе 21 апрели соли 1999 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ганҷавӣ (собиқ Ломоносов), бинои 363, ҳуҷраи 20 ба Миралиев Бобоқул додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №492791 бо рақами қайди№1261, ки онро соли 1986 Омӯзишгоҳи №55-и шаҳри Душанбе ба Раҳмонова Кибирё додааст, соли 2008 гум шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати ШМҲ-№0015484-и гумшуда, ки онро соли 2003 Гимназияи №53-и ба номи М. Маҳмудоваи ноҳияи И.Сомонӣ ба Муқимов Насим Одилович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии квартира бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи И.Сомонӣ, бинои 91/1, ҳуҷраи 29 ба номи Хуҷаев Беҳзод Ҷумақулович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Сино-2 18.02 соли 2006 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Федина 13, ҳуҷраи 12 ба Гулов Рустам додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ бо РЯМ 0430273324-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино соли 2019 ба Фатҳуллоев Шерзод Асроловича додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати Т-АТУ №0001316-и гумшуда, ки онро Литсеи инноватсионии Душанбе назди ДТТ соли таҳсили 2013-2014 ба Бояков Сангак Ҳабибуллоевич додааст, бе эътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи 8Д 1315 аз 28.03 соли 2003 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак, хонаи 132 ба номи Раҳмонов Дилшод бинобар гум шудан, бе эътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш бо реестри №9Д-168-и гумшуда, ки онро муовини Сарнотариус оид ба туҳфаи Саридораи нотариалии давлатии ҷумҳуриявӣ 28.02 соли 2000 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Аэропорт, хонаи 2 ба Нурхонова Лола Камиловна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро МБТИ 14.08 соли 2012 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати Айнӣ, деҳаи Қулписта ба Юсупова Фируза Табаровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии №2179/14-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ соли 2015 ба Кабиров Исоқ Иброҳимович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0107513-и гумшуда, ки онро Литсеи касбии алоқаи шаҳри Душанбе соли 2017 ба Муҳаммадҷони Ҷурабек додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии №68/3-и гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии ноҳияи Рӯдакӣ соли 2017 ба Нурализода Гулноза Хукматулло додааст,беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №ДТО0090813-и гумшуда, ки онро Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд соли 2011ба Собирова Манзура Шариповна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А00062144-и гумшуда, ки онро ШВКД-и шаҳри Конибодом 06.01 соли 2015 ба Содиков Шохруш Шухратович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0221205-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Сангвор соли 2015-2016 ба Шарҳидини Маҳмадулло додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи дар бораи ҳуқуқи моликияти гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24.04 соли 2015 таҳти феҳристи №5ХМ-45 тасдиқ карда шуда ва дар КФББТ ш. Душанбе аз 24.04 соли 2015 таҳти №4183 ба қайд гирифта шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад

► Шартномаи саҳмдорӣ дар сохтмони бинои баландошёнаи истиқоматӣ бо маркази хизматрасонии савдо ва боғчаи кӯдакона дар ошёнаи аввал таҳти феҳристи №3ДИ-240, байни Нағмиддинова ва Саидбеков аз 20.07 соли 2017, ки онро сарнотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии №12/057-и гумшуда, ки онро Коллеҷи муҳандисии омӯзгорӣ 05.10 соли 2017 ба Фаттоев Шамсулло Нусратуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии гумшуда бо суроғаи ноҳияи Рӯдаки, ҷамоати Лоҳур, деҳаи Тайланобод ба номи Бобоеа Ғулом беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► ҶДММ «Сарманд 2015» бо РЯМ 040049312, ки дар ноҳияи Сино ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

► ҶДММ «Сафар 365» бо РЯМ 020042208, ки дар ноҳияи Сомонӣ ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

► ҶДММ "Фазои Ватан" бо№0280359, РЯМ 0310018546, РМА 030030000, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати як моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "ТКС Тоҷикистон" бо №0266792, РЯМ 0210022368, РМА 020046235, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

ЗОДРУЗ МУБОРАК!

► Ходими давлатӣ ва ҷамъиятӣ, корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Саид, 65 - сола мешаванд. 04.06.1954 с.





БАРОИ ОНҲОЕ, КИ ДӮСТАШОН МЕДОРЕД ВА АЗ ҶОН АЗИЗТАР МЕҲИСОБЕД



Мехоҳед табъи падару модар, хоҳару бародар, фарзандон, хешу табор, наздикон ва дӯстдоштаатонро болида созед?

Ба хурсандии онҳо хурсандӣ зам кунед?

Амалатон ба хотирашон нақш бандад ва бо шумо фахр кунанд?

Пас, онҳоро бо зодрӯз, маросими арӯсӣ, ҷашнҳои оилавӣ ба воситаи рӯзномаҳои машҳур «Оила», «Тоҷикистон», «Рекламная газета» табрик кунед. Дар ҳар кучое бошед ин кор бароятон хеле содда ва арзон меафтад.

Барои ин ба шумо лозим аст:

1.Ба рақами **44-640-99-88** занг занед, матни табрикот ва номи рӯзномаро гӯед;
2. Оператор ба шумо код медиҳад;
3. Ба назди терминали пардохтҳо оед, дар он рамзи «Рекламная газета»-ро пайдо кунед ва маблағи табрикотро пардохт намоед.

Оё аз хурсандии онҳое, ки дӯсташон медореду бароятон омода ҳастед ҷонатонро фидо кунед, аз ин дида ширинтар, гуворотар, писандидатар чизе ҳаст?

Пас, фурсатро аз даст надиҳед, онҳо интизори табрикот ва лутфу меҳрубонии шумо ҳастанд.

Телефон барои маълумот: 238-61-61

НУҚТАҲОИ ҚАБУЛИ ЭЪЛОН

ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

- Кӯчаи Бохтар 3. Назди бинои «Рӯдакӣ-Плаза». Тел. 223-01-10
- «Услуги населению». Рӯ ба рӯи СУМ, назди “Спорт Бар”. Тел. 227-20-17
- “Марказ”. Кӯчаи Пушкин 24. Назди бинои «Вефа-центр». Тел. 223-00-54
- «Информационный Центр Недвижимости». Кӯчаи Валаматзода 6 (назди сафорати Туркия).
- «Садбарг». Гузаргоҳи зеризаминӣ.
- Кӯчаи Беҳзод 7А. Назди «Шабакаи аввал», дӯкони рӯзномафурӯшӣ.
- «Зима-Лето». Маҳаллаи 82, кӯчаи Шамсӣ 26. Назди «Тиб барои шумо».
- Маҳаллаи 33. Рӯ ба рӯи бозор.
- Кӯчаи Маяковский 46
- Маҳаллаи бозори «Ҷал-Ҷам», пушти истгоҳ.
- Кӯчаи Гипрозем, Шаҳраки ҳарбиён, дӯкони рӯзномафурӯшӣ



ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

- ш.Хуҷанд, маҳаллаи 20, бинои «Кохи Матбуот», 7 ошёна.

ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, назди меҳмонхонаи “Қурғонтеппа”, дӯкони рӯзномафурӯшӣ.
- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, рӯ ба рӯи «Маорифи вилоятӣ».

TMC EDUCATION GROUP SINCE 2004
ТАҲСИЛИ МУОСИР ВА САМАРАНОК

МАРКАЗИ ОМУЗИШӢ «TMC EDUCATION GROUP» INTELLECT

ТАВАҶҶУҲ!!!

ҲАМАИ ДОВТАЛАБОНРО БАРОИ ТАҲСИЛ ДАР КУРСҲОИ КУТОҲМУДДАТ:

- Баҳисобгирии молиявӣ (1 – 2)
- Баҳисобгирии муҳосиботӣ
- Андоз ва ҳуқуқ
- 1С (барномаи муҳосиботӣ)
- TOEFL – preparation
- Business English

Даъват менамояд.

Дар ин курсҳо шуморо барои супоридани имтиҳон ва соҳиб шудан бо сертификати

- CAP
- CIPA
- TOEFL
- ETS



93-561-36-36
Sunat-51@mail.ru
www.tahsil.tj

ТОЛЕЪНОМА



Дар ин ҳафта навигариҳои аҷибро интизор нашавед. Каме нотоб гаштанатон эҳтимол дорад, аз ин рӯ бо пурхӯрӣ ё корҳои ҷисмонӣ худро хаста нагардонед. Дар ҷодаи муҳаббат на танҳо ҳасудон, балки рақибон пайдо мешаванд. Дар ин ҷода дӯстдоштаатон гуноҳе надорад, беҳуда муносибати худро сард насозед. Дар масъалаҳои пулӣ ба шитобкорӣ роҳ надиҳед.



Дар ин ҳафта масъалаи душвореро рафъ карданатон лозим меояд, ки аз он на танҳо пешравиятон дар касбу кор, балки вазъи молиявиатон вобастагӣ дорад. Сирру асрори худро ба нафаре, ки шуморо дӯсти худ мешамурад, фош насозед. Ба фишори рӯҳӣ ва дигар мушкилиҳо тоб оварда наметавонед, аз ин рӯ ба корҳои номатлуб даст назанед.



Бо нафаре вомехӯред, ки шуморо дар тиҷорат дастгирӣ мекунад. Бештар ба одамон бовар кунед, касеро дар хиёнату фиреб гунаҳкор накунед. Вохӯрии ошиқона табъатонро болида месозад. Корҳои муҳими худро то охири ҳафта ба анҷом расонед. Ба ҳолати яъсу ноумедӣ афтиданатон боиси вайрон гаштани муносибат бо атрофиён мегардад. Ба бемории зуком беаҳамиятӣ накунед.



Шумо аз худ, аз зиндагӣ ва аз туҳфаҳои тақдир қаноатманд мегардед. Аз кору ташвишҳои зиёд истироҳат карда, дар иҳотаи дӯстон дилхушӣ мекунед. Аз дӯстдоштаатон хабари хуше шунида, нақшаҳоятонро тағйир медиҳед. Аз нафаре, ки ба наздикӣ дасти кумакатон расида буд, туҳфа мегиред. Ба ҳар нафаре, ки худро дӯсти шумо вонамуд мекунад, бовар накунед. Дар интихоби дӯст аз маслиҳати модаратон кор гиред.



Муносибати худро бо нафаре, ки ба наздикӣ муноқиша карда будед, беҳтар созед. Ин ҳафта қуввааву имкониятҳоятон барои амалҳои ҷавонмардона кифоя аст. Нафарони оиладор бояд ояндаи худро пешбинӣ карда, эҳсосоти худро идора намоянд.

Бегоҳирӯзӣ вазъи саломатии мардҳо нохуб мегардад.



Агар ғами саломатии худро хӯрда, аз одатҳои бад худдорӣ намоед, аз нохушиҳои зиёд халосӣ меёбед. Нафароне, ки дар фикри бунёди оила ҳастанд, бояд нисбати дӯстдоштаи худ меҳрубону ғамхортар бошанд.

Аз ҳад зиёд ғами мушкилиҳои молиявиро хӯрда, гирифтори асабхаробӣ мегардед. Бо аъзои калонсоли оила баҳс накунед.



Аз нафарони бадхоҳу бадкирдор худро дур гиред. Нисбати атрофиён саховатманду дилкушод буданатон хуб аст, вале ба доми нафарони дилсиёҳ афтиданатон имкон дорад. Дар бораи ояндаи худ зиёд фикр карда, имкониятҳои муваффақ шуданро аз даст медиҳед. Нафароне, ки ба коллективи нав ворид мегарданд, душворӣ мекашанд. Ҳафта барои меҳмонӣ рафтан мувофиқ нест.



Ҳафтаи душвор аст. Ҳолати рӯҳиятон нохуб буда, дилатон аз пешомади баде гувоҳӣ медиҳад. Тағйиротҳои ногуворе, ки дар ин ҳафта сар мезананд, чанд ҳафтаи дигар шуморо тарк намесозанд. Худро рӯҳану ҷисман хаста насозед. Барои истироҳат кунҷи танҳоӣ ихтиёр намоед. Нимаи дувуми ҳафта дӯсти наздикатон хабари хуш мерасонад.



Дар ин ҳафта вазъи молиявиатон душвор мегардад, аз ин рӯ аз дӯстону наздикон кумак пурсиданатон лозим меояд. Ба ҳеҷ ваҷҳ аз бонк қарз нагиред. Қавсҳои ошиқ ошиқтар мешаванд. Хоби дар ин ҳафта дидаатон, баъзи як моҳ амалӣ мешавад.

Дар хоб дидани оина аз оиладор шудан дарак медиҳад. Бо модаратон дағалона гуфтор накунед.




Неруи худро сарф накунед, онро эҳтиёт кунед. Барои расидан ба мақсад на танҳо роҳи кӯтоҳ, балки муфидро интихоб намоед. Бо нафароне, ки хуб намешиносед, ба муносибатҳои ошиқона роҳ надиҳед, вагарна дучори мушкиливу душвориҳо мегардед. Беҳтараш муҳаббати асили худро ба шахсе бубахшед, ки арзанда бошад.



Дар ин ҳафта ба танбалӣ роҳ надиҳеду орзуҳои хомро аз сар дур созед. Агар шумо оиладор бошед, бо яке аз наздикони ҳамсафари ҳаётӣ муноқиша имкон дорад. Дар ин маврид ором шаведу тавре рафтор кунед, ки қалбатон мегӯяд. Ба зихнагӣ ва шубҳаву гумони бад роҳ надиҳед. Ба наздикони худ бовар кунед. Нобоварӣ ва гумони бад боиси вайрон гаштани муносибатҳо мешавад.



Ҳафта душвор аст, аксарияти ҳутҳо бо душворӣ ба кор мераванд. Ба ҳолати яъсу ноумедӣ гирифтор шуданро маслиҳат намедиҳем. уҳдадориҳои навро ба дӯши худ бор накунед. Бо корҳои пештараи худ машғул шуда, ғами ишқро фаромӯш мекунед. Дар хотир доред, ки беҳтарин василаи фаромӯш кардани яке ин пайдо кардани дигаре аст.




OILA.TJ
сад ранги зиндагӣ
ОИЛА
НАИБОЛЕЕ ПРОСМАТРИВАЕМЫЕ
Шаҳло, муҳоҷирзан, ш. Тюмен: Нон не, заҳр мехӯрем!
Кайфи нос, шаби қадр ва занбозии муллоҳо аз назари Ҳоҷӣ Мирзо
Ҷазои рӯзахӯр, зинокор ва талоқи телефонӣ аз назари Ҳоҷӣ Мирзо
https://OILA.tj/


...АЗ МОШИНҲОИ
ОДӢ ТО
ДАКАДАНГ
Ҷой кардани эълон осон, ройгон ва бе сабти ном
RG.tj
СОМОНАЕ, КИ ДАСТ БА КОР АСТ
Аз телефони мобилӣ даро
Душанбе (изменить город)
Войти
РЕКЛАМА
Однокомнатн 30 у.е.
Четыре 496 000 сом.
Квартира на продажу
450 000 сом.

ШАКАРХАНД

Падар ё дарди сар?

Тифле аз модараш мепурсад:

-Оча, дадаам падару модар дорад?

Модар дар ҷавоб:

-Албатта, дорад... Бибият Сафия ва бобоят Холназар.

Кӯдак боз мепурсад:

-Ин тавр, ки бошад, чаро бобову бибиям ӯро ба мо доданд?

Қасоси зан

Зане шавҳару маъшуқаашро якҷоя қапида моҷаро намекунад. Телефонашро бароварда мегӯяд:

-Канӣ, наздиктар шинед!

Шавҳараш ҳайрон шуда мепурсад:

-Барои чӣ?

Зан дар ҷавоб:

-Ман як аксатонро гирам, дар тахтасанги қабратон мегузорам!

Усули харобшавӣ

Зане бо дугонааш вомехӯрад. Дугонааш бо тааҷсуф мегӯяд:

-Ба ту чӣ шуд? Чаро ин қадар лоғар шудай?

Зан дар ҷавоб:

-Азобам сахт аст, шавҳарам ба ман хиёнат мекунад...

Дугонааш мегӯяд:

-Чаро тоқат мекунӣ, ҷудо шав охир!

Зан дар ҷавоб:

-Наметавонам, мехоҳам боз панҷ килограмм харобтар шавам.

Дарди дили бобо

Ду мӯйсафед сухбат мекунанд, якеаш мегӯяд:

-Дар ёд дорӣ, соли 1941-ум ба мо ким - чӣ хел дору медоданд, ки дигар ба занҳо майл накунем?

Мӯйсафеди дуюм мегӯяд:

-Бале, дар хотир дорам.

Мӯйсафеди якум суханашро давом медиҳад:

-Ана ҳамон доруворихо нав таъсир карда истодаанд.

Торикӣ

Марде ба хона маст меояд. Либосашро аз тан мебарорад, вале ҳама ҷо хомӯшӣ. Мард ҳам хомӯш меистаду занаш ҳам. Баъди даҳ дақиқа мард мегӯяд:

-Ту кай дод заданро сар мекунӣ, ки ман дар торикӣ ҷойгаҳамро пайдо намоям?

Гурбаи зинда

Зани зебое ба мағозаи ҳайвонот даромада, ба марди фурӯшанда мегӯяд:

-Ба наздикӣ шавҳарам мурд, ман дар як хонаи калон танҳо мондаам. Ба ман ягон гурбача диҳед. Фурӯшанда дар ҷавоб:

-Мияв, мияв, мияв!

8 март

Дар маркази шаҳр танбаи мошинҳо сар зада, як автобус пур аз одам интизори кушода шудани роҳ меистанд.


Баногаҳ ронанда эълон мекунад:

-Истгоҳи оянда 8 март.

Марде аз дохили автобус:

-Вах, мо то санаи 8 март дар ҳамин ҷо мешинем - мӣ?

Таҳияи Н.РАҶАБОВА



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

БА РАИСИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН НУСРАТУЛЛО ДАВЛАТЗОДА


НУСРАТУЛЛО ДАВЛАТЗОДА

Ҳозир овозаҳое ҳаст, ки ба кормандони андоз иҷоза дода мешавад, то ба тиҷорат машғул шаванд. Оё ин иқдом метавонад дар кам шудани ҳодисаҳои тамаъҷӯӣ ва коррупсия дар мақомоти андоз кумак кунад?

Шомат ҲОМИДОВ,
сокини Душанбе

БА САРДОРИ БДА-И ШАҲРИ ДУШАНБЕ СУҲРОБ ҚУРБОНЗОДА


СУҲРОБ ҚУРБОНЗОДА

Ман нав аз хона бо мошин баромада будам ва ҳамагӣ дусад метр нарафта, дидам,ки писарам бо кӯдаки ноболиғ ба курсии пеш нишастааст. Мошинро дар канори роҳ боздошта, ноболиғро бо писарам якҷо ба курсии қафо шинондам ва ба сафарам идома додам. Ин корро нозир аз паси буттаҳое, ки пинҳон шуда будааст, наззора доштааст. Аммо пас аз 50 метр ҳаракат баногоҳ нозири БДА аз паси буттаҳо баромада, моро нигоҳ дошт ва маро барои он гунаҳгор намуд, ки қоидаи интиқол додани кӯдакро риоя накардаам ва санад тартиб дод. Ҳол он ки дар вақти мошинро манъ кардани ӯ аллакай кӯдак дар нишастгоҳи қафо буд ва ҳеҷ як қоидавайронкунӣ вуҷуд надошт.Оё ӯ ҳақ дошт, ки маро ҷарима кунад?

А.ҲОҶӢ,
сокини ш. Душанбе



Хонандагон саволҳои худро метавонанд ба унвони ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ба суроғаи: 734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, ошёнаи 11 ё бо почтаи электронии tojikiston@pressa.tj, равон кунанд. Телефон: 238-54-51

Навбатдори шумора: О.НОЗИР